# Аз самими дилам ба самими дилҳо

﴿ من القلب إلى القلب ﴾

**[ То□ики – Tajiki – طاجيكية ]**

Нависанда: Усмон ал-Хамис

2010 - 1431

islamhouse.com

﴿ من القلب إلى القلب ﴾

«باللغة الطاجيكية»

تأليف: عثمان الخميس

2010 - 1431

islamhouse.com

Ба номи Худованди бахшандаи меҳрубон

## Пешгуфтор

Ин китобро барои он касоне ки дар ҷустуҷуи роҳи рост мебошанд, туҳфа мекунам.

Барои ҳамаи онҳое ки хайр мехоҳанд.

Барои ҳар касе ки дар ҷустуҷуи роҳ ба суи ҷаннат аст.

Барои ҳар касе ки дустдори аҳли байти Пайғамбар ***(саллаллоҳу ъалайҳи васалам)*** аст.

Ин гуфтаҳои ман аз самими қалбам мебошад, ва аз Худованд умед дорам ки онҳоро ба самими қалбҳо расонад.

Ҳамду сано бар Худованде ки замину осмонро ва равшанию торикиро офарид.

Ҳамду сано бар он Худое ки дар мулкаш ҳеҷ кас ба у шарик нест.

Шаҳодат медиҳам ки Худованд якка ва ягона аст ва ҳеҷ мислу монанде надорад дилҳои тамоми бандаҳояш дар таҳти иродаи у ҳастанд.

Ҳар вақто ки амр кунад, касе амри уро рад карда наметавонад.

Ҳамду сано бар он Худое ки дар як вақт бо забонҳои мухталиф дуъоҳои ҳамаи бандаҳояшро мешунавад.

Ва салому дуруди Худованд бар пайғамбари мо, ва ҳабиби мо, ва пешвои мо, Муҳаммад ***(саллаллоҳу ъалайҳи васалам)*** бод.

Аммо баъд, ман ин гуфтаҳоро аз самими қалбам равона месозам ба суи бародарону хоҳарони мусалмоне  ки пайрави мазҳаби шиъаи "Дувоздаҳ имома" ҳастанд, ва чигунае гуфта будам ин гуфтаҳои ман аз самими қалбам мебошанд ва иншоалоҳ, ҳар

ончизе ки аз самими қалб бошад, дар самими қалб ҷойгир хоҳад шуд.
Ман бо ин гуфтаҳо, даъват мекунам аввал худамро сипас ҳамаи дустдорони ҳақро ба суи роҳи рост, ҳамон роҳе ки Худованд пайравони уро инъом кард ва ҳамон роҳе ки пайғамбарону ростгуёну шаҳидон уро ихтиёр карданд, Худованд ҳамаи моро бо онҳо ҳашр гардонад.

### Бародарону Хоҳарони азиз!

Пайғамбар ***(саллаллоҳу ъалайҳи васалам)*** мефармояд: ***Эмон надорад касе аз шумо магар ин ки дуст бидорад барои бародараш, он чизеро ки барои худаш дуст медорад.***
Ва ман ба ҳамон Худое  ки якаву ягона аст ва ба ҷуз у дигар Худое нест қасам мехурам, ки он чиро ки барои худам дуст медорам барои шумо низ уро дуст медорам, ман барои ин суханам Худоро шоҳид мегирам.

### Биёед бародарону Хоҳарони азиз!

Ҳама он дуъоеро бихонем ки Пайғамбар ***(саллаллоҳу ъалайҳи васалам)*** дар намозҳои шабаш мехонд,
Мегуем: Парвардигоро, Парвардигори Ҷиброилу Микоилу Исрофил, Холиқи осмонҳову замин, Донандаи ғайбу шаҳодат.
Павардигоро!
Ҳарвақто ки бандаҳоят дар коре ихтилоф кунанд, ту ҳасти ки миёни онҳо ҳукм мекуни, пас ҳидоят кун

моро ба суи он ҳақе ки баъд аз ихтилофашон сари он итифоқ мекунанд.
Парвардигоро!
Ҳар киро ки ту хоҳи ба роҳи рост ҳидоят мекуни пас моро аз роҳи рост маҳрум нагардон .Омин

**Бародарону хоҳарони азиз!**

Ман бо ёрии Худованд хело китобҳои зиёди мазҳаби шиъаро хондам.
Ва ба мавъизаҳои уламои онҳо гуш додам.
Ва бо бисёре аз олимону толибилмони онҳо баҳсҳову мунокашаҳо кардам.
Ва дар асоси ин баҳсҳову мунокашаҳо, ман чанд мавзуеро ихтиёр кардам ки ба шумо иншоалоҳ пешкаш хоҳам кард.
Шояд ки Худованд бо сабабаш чандин бародарону хоҳароне ки фирефтаи ин гуруҳ шудаанд, ва аз ҳақиқати онҳо бехабаранд, ҳидояташон кунад.

**Бародарону хоҳарони азиз!**

Ягона мақсади ман аз пешкаш кардани ин мавзуъ, пайдо кардани ҳақ ва пайрави кардани уст.
Худованд мефармояд:

قَالَ تَعَالَى: ﴿ ٱدْعُ إِلَىٰ سَبِيلِ رَبِّكَ بِٱلْحِكْمَةِ وَٱلْمَوْعِظَةِ ٱلْحَسَنَةِ ۖ وَجَٰدِلْهُم بِٱلَّتِى هِىَ أَحْسَنُ ۚ ﴿١٢٥﴾ ﴾

النحل:١٢٥

***«Мардумро бо ҳикмату панди некӯ ба роҳи Парвардигорат бихон ва бо беҳтарин тарз бо онон муҷодала кун»***

Ва ман ҳам кушиш мекунам ки дар даъватам аз ҳикмату панди неку берун нашавам, ва суханеро бе далил нагуям.

## Ашке бар тавҳид

Ягон шаку шубҳае нест ки Худованд донову ҳаким аст, ва бандаҳояшро бе ҳикмат  халқ накардааст, чуноне ки у мефармояд:

قَالَ تَعَالَى: ﴿ أَفَحَسِبْتُمْ أَنَّمَا خَلَقْنَٰكُمْ عَبَثًا وَأَنَّكُمْ إِلَيْنَا لَا تُرْجَعُونَ ﴿١١٥﴾ ﴾ المؤمنون: ١١٥

***«Оё фикр мекунед, ки шуморо беҳуда офаридаем ва Шумо ба назди Мо бозгардонида намешавед?»***

Пас маълум мешавад, ки Худованд моро ба хотири чизи муҳиме халқ кардааст, чуноне ки дар китоби азизаш мефармояд:

قَالَ تَعَالَى: ﴿ وَمَا خَلَقْتُ ٱلْجِنَّ وَٱلْإِنسَ إِلَّا لِيَعْبُدُونِ ﴿٥٦﴾ ﴾ الذاريات: ٥٦

***«Ҷинну инсро наофаридам магар барои (ибодат) парастиш кардан»***

Саҳобии ҷалил ибни Аббос ***(Разия аллоҳу ъанҳу)*** мегуяд: ***(Магар барой парастиш кардан)*** яъне: (магар ин ки Худовандро ба ягонаги шинохтан).

Тамоми Пайғамбарон мардумро фақат басуи як чиз даъват мекарданд, ва онҳам он буд, ки мегуфтанд: эй мардум! Фақат Худовандро ибодат кунед барои шумо ба ҷуз як Худо дигар Худое нест.

**Бародарону хоҳарони азиз!**

Оё медонед маънои ибодат чист?

Маънои ибодат: Яъне муҳаббату итоъату назру қурбони, ҳама бояд барои Худо бошад.
Ва бо дигар маъно: Ягона донистани Худованд дар дил, ва ягона донистани Худованд дар амал .
Маънои ягона донистани Худованд дар дил: Яъне дар дустдориву муҳабати Худованд ягон касро ба У баробар накардан, ва дар тарси аз Худо, ягон касро ба У баробар накардан, ва дар зориву илтиҷо ба суи Худо, ягон касро ба У баробар накардан, ва ба ғайр аз Худованд ба ягон кас тавакал накардан, ва ғайраҳо.
Маънои ягона донистани Худованд дар амал: Яъне дуъо накардан магар ба суи Худо, кумак талаб накардан, магар аз Худо, ва қурбониву назр накардан магар ба номи Худо, ва қасам нахурдан магар ба номи Худо, ва ғайраҳо.
Худованд барои ҷоиз набудани дуъо ба ғайр аз У мефармояд:

قَالَ تَعَالَى: ﴿ وَأَنَّ ٱلْمَسَٰجِدَ لِلَّهِ فَلَا تَدْعُواْ مَعَ ٱللَّهِ أَحَدًا ﴿١٨﴾ ﴾ الجن: ١٨

*«Ва масҷидҳо аз они Худост. Ва ба ҷуз Худои якто касе дигарро ба худои махонед»*

Ва дар бораи кумак талаб кардан мегуяд :

قَالَ تَعَالَى: ﴿ إِيَّاكَ نَعْبُدُ وَإِيَّاكَ نَسْتَعِينُ ﴿٥﴾ ﴾ الفاتحة: ٥

*«Танҳо Туро мепарастем ва танҳо аз Ту кумак металабем»*

Дар бораи ёри талаб кардан мегуяд:

قَالَ تَعَالَى: ﴿ إِذْ تَسْتَغِيثُونَ رَبَّكُمْ فَٱسْتَجَابَ لَكُمْ أَنِّي مُمِدُّكُم بِأَلْفٍ مِّنَ ٱلْمَلَٰٓئِكَةِ مُرْدِفِينَ ﴿٩﴾ ﴾ الأنفال: ٩

*«Ва он гоҳ ки аз Парвардигоратон ёри хостед ва Худо қабул кард, ки ман бо ҳазор фаришта, ки аз паи якдигар меоянд, ёриятон мекунам»*

Ва дар бораи тарсидан ба ғайр аз Худо мегуяд:

قَالَ تَعَالَى: ﴿ إِنَّمَا ذَٰلِكُمُ ٱلشَّيْطَٰنُ يُخَوِّفُ أَوْلِيَآءَهُۥ فَلَا تَخَافُوهُمْ وَخَافُونِ إِن كُنتُم مُّؤْمِنِينَ ﴿١٧٥﴾ ﴾ آل عمران: ١٧٥

*«Он шайтон аст, ки дар дили дӯстони худ бим меафканад. аз онҳо матарсед, ва аз ман битарсед, агар муъмин ҳастед»*

Ва дар бораи тавакал бар Худованд мегуяд :

قَالَ تَعَالَى: ﴿ وَعَلَى ٱللَّهِ فَتَوَكَّلُوٓاْ إِن كُنتُم مُّؤْمِنِينَ ﴿٢٣﴾ ﴾ المائدة: ٢

*«Ва бар Худо таваккал кунед, агар мӯъмин ҳастед!»*

Ва дар бораи муҳабати ғайри Худованд мегуяд:

قَالَ تَعَالَى: ﴿ وَمِنَ ٱلنَّاسِ مَن يَتَّخِذُ مِن دُونِ ٱللَّهِ أَندَادًا يُحِبُّونَهُمْ كَحُبِّ ٱللَّهِ ۖ وَٱلَّذِينَ ءَامَنُوٓاْ أَشَدُّ حُبًّا لِّلَّهِ ۗ وَلَوْ يَرَى ٱلَّذِينَ ظَلَمُوٓاْ إِذْ يَرَوْنَ ٱلْعَذَابَ أَنَّ ٱلْقُوَّةَ لِلَّهِ جَمِيعًا وَأَنَّ ٱللَّهَ شَدِيدُ ٱلْعَذَابِ ﴿١٦٥﴾ ﴾ البقرة: ١٦٥

*«Баъзе аз мардум барои Худо шариконе ихтиёр мекунанд ва онҳоро чунон дӯст медоранд, ки гӯё Худоянд. Вале ононе, ки имон овардаанд, Худоро бештар дӯст медоранд. Ва он гоҳ, ки ин ситампешагон азобро бубинанд, дарёбанд, ки ҳамаи қудрат аз они Худост. Албатта Худо ба сахти уқубат мекунад!»*

Ва дар бораи қурбони мегуяд:

قَالَ تَعَالَى: ﴿ قُلْ إِنَّ صَلَاتِي وَنُسُكِي وَمَحْيَايَ وَمَمَاتِي لِلَّهِ رَبِّ ٱلْعَٰلَمِينَ ﴿١٦٢﴾ ﴾ الأنعام: ١٦٢

*«Бигӯ: «Намози ману қурбонии ман ва зиндагии ману марги ман барои Худо — он Парвардигори ҷаҳониён аст»*

Ва дар бора назр мегуяд:

قَالَ تَعَالَى: ﴿ فَكُلِي وَاشْرَبِي وَقَرِّي عَيْنًا ۖ فَإِمَّا تَرَيِنَّ مِنَ الْبَشَرِ أَحَدًا فَقُولِي إِنِّي نَذَرْتُ لِلرَّحْمَٰنِ صَوْمًا فَلَنْ أُكَلِّمَ الْيَوْمَ إِنسِيًّا ﴿٢٦﴾ ﴾ مريم: ٢٦

*«Пас, эй зан, бихӯру биёшом ва шодмон бош ва агар аз одамиён касеро дидӣ, бигӯй: «Барои Худои раҳмон рӯза назр кардаам ва имрӯз бо ҳеҷ башаре сухан намегӯям»*

## Бародарону Хоҳарони азиз!

Вақто ки мо ғайри Худовандро, мисли авлиёҳову пайғамбарону аҳли байти Паёмбар *(саллаллоҳу ъалайҳи васалам)*-ро дуо мекунему аз онҳо талаби баровардани ҳоҷатҳоямонро мекунем, гуё ки бо суханҳои Худованд зид ё мухолиф баромадаем, чаро не, худи шумо бубинед ки Худованд дар Қурон чи мегуяд:

قَالَ تَعَالَى: ﴿ وَقَالَ رَبُّكُمُ ادْعُونِي أَسْتَجِبْ لَكُمْ ۚ إِنَّ الَّذِينَ يَسْتَكْبِرُونَ عَنْ عِبَادَتِي سَيَدْخُلُونَ جَهَنَّمَ دَاخِرِينَ ﴿٦٠﴾ ﴾ غافر: ٦٠

*«Парвардигоратон гуфт: «Дуову илтиҷо кунед Маро, то шуморо иҷобат кунам. Онҳое, ки аз парастишу дуои Ман саркашӣ мекунанд, ба зуди дар айни хори ба ҷаҳаннам дароянд!»*

Худованд дар ин оят моро амр мекунад, ки фақат уро дуъо кунем, ва фақат аз у талаб кунем, ва ҳар ки аз дуъои Худованд саркаши мекунаду, ғайри

Худовандро дуо мекунад, уро ваъдаи оташи дузах додааст.

Ва ин чунин бубинед, ки Худованд дар ҳақи касе, ки ғайр аз уро дуъо мекунад чи мегуяд:

قَالَ تَعَالَى: ﴿لَهُۥ دَعۡوَةُ ٱلۡحَقِّۚ وَٱلَّذِينَ يَدۡعُونَ مِن دُونِهِۦ لَا يَسۡتَجِيبُونَ لَهُم بِشَيۡءٍ إِلَّا كَبَٰسِطِ كَفَّيۡهِ إِلَى ٱلۡمَآءِ لِيَبۡلُغَ فَاهُ وَمَا هُوَ بِبَٰلِغِهِۦۚ وَمَا دُعَآءُ ٱلۡكَٰفِرِينَ إِلَّا فِي ضَلَٰلٖ ١٤﴾ الرعد: ١٤

***«Хосаи Ӯст дуову илтиҷои ростин. Онҳо, ки ғайри Ӯро дуо мекунанд, ҳеҷ посухашон намегӯянд. Монанди касе, ки ду даст ба сӯи об барад то об ба даҳон расонад ва натавонад, ки об ба даҳон расонад. Ва дуъои кофирон ҷуз ба гумроҳи нест!»***

Бубинед, Худованд барои онҳоеро ғайри уро дуъо мекунанд, чи гуфтааст, шумо дар ин сухани Худо хуб тавачуҳ кунед, мегуяд: ***(Онҳое ки ғайри уро дуъо мекунанд)***, ин оят маънои ъомро дорад, яъне онҳое ки ғайр аз Худо дигар касро дуъо мекунанд чи паёмбарон бошанд ё чи аҳли байту ё ин ки ягон шаҳид ё авлиё.

Худованд дар инҷо дуъо кардани тамоми мавҷудотро ба ғайр аз худаш манъ кардааст.

Ба ин сухани Худо низ тавачуҳ кунед мегуяд:

﴿وَمَا دُعَآءُ ٱلۡكَٰفِرِينَ إِلَّا فِي ضَلَٰلٖ ١٤﴾ الرعد: ١٤

***«Ва дуъои кофирон ҷуз ба гумроҳӣ нест!»***

Бародарону хоҳарони азиз! Бубинед ки дар инҷо Худованд онҳоеро ки ғайри уро дуъо мекунанд кофир гуфтааст.

Ва ин чунин Худованд мегуяд:

قَالَ تَعَالَى: ﴿ قُلِ ٱدۡعُواْ ٱلَّذِينَ زَعَمۡتُم مِّن دُونِهِۦ فَلَا يَمۡلِكُونَ كَشۡفَ ٱلضُّرِّ عَنكُمۡ وَلَا تَحۡوِيلًا ٥٦ ﴾
الإسراء: ٥٦

***«Бигӯ: «Онҳоеро, ки ҷуз Ӯ худо мепиндоред, бихонед. Наметавонанд балоро аз шумо дур созанд ё онро насиби дигарон кунанд!»***

Ба ин суханҳои Худованд хуб таваҷуҳ кунед, тамоми алоқаҳои бандаҳояшро ба суи худаш гардонидааст, ва бандаҳояшро манъ кардааст ки ба ғайр аз у ба дигар махлуқот алоқаи таъабуди кунанд, ва мегуяд:

قَالَ تَعَالَى: ﴿ قُلِ ٱدۡعُواْ ٱلَّذِينَ زَعَمۡتُم مِّن دُونِ ٱللَّهِ لَا يَمۡلِكُونَ مِثۡقَالَ ذَرَّةٖ فِي ٱلسَّمَٰوَٰتِ وَلَا فِي ٱلۡأَرۡضِ وَمَا لَهُمۡ فِيهِمَا مِن شِرۡكٖ وَمَا لَهُۥ مِنۡهُم مِّن ظَهِيرٖ ٢٢ ﴾ سبأ: ٢٢

***«Бигӯ: «Бихонед касонеро, ки ҷуз Худои якто худо мепиндоред!» Молики заррае дар осмонҳову замин нестанд ва дар офариниши он ду ширкате надоштаанд ва Худоро аз миёни онҳо ёригаре набудааст»***

Яъне: Ягон касе аз бандаҳояш, касе ки набошад наметавонад молики заррае аз зарраҳои халқи Худованд шавад.

**Бародарону хоҳарони азиз!** Оё медонед зарра чист?

Зарра: мурчаи зардаки хурде ҳаст, ки ҳатто дар чашм қариб ки намоён намешавад, ва ин чунин Худованд дар ин оят баён мекунад, ки у якаву ягона аст ва касеро аз махлуқоташ барои худ на ёрдамчи, ва на шарике, қарор надодааст, ва дар ҳама корҳояш якаву ягона аст, ва ҳато мегуяд:

قَالَ تَعَالَى: ﴿ وَٱتَّقُواْ يَوۡمٗا لَّا تَجۡزِي نَفۡسٌ عَن نَّفۡسٖ شَيۡـٔٗا وَلَا يُقۡبَلُ مِنۡهَا شَفَٰعَةٞ وَلَا يُؤۡخَذُ مِنۡهَا عَدۡلٞ وَلَا هُمۡ يُنصَرُونَ ٤٨ ﴾ البقرة: ٤٨

***«Ва битарсед аз рӯзе, ки ҳеҷ кас дигареро ба кор наёяд ва ҳеҷ шафоъате аз касе пазируфта нагардад ва аз касе ивазе наситонанд ва касеро ёрӣ накунанд»***

Бубинед шафоъаткунандагон, ҳатто мисли паёмбарону шаҳидону солиҳон низ, бе иҷозати Худованд наметавонанд, барои касе шафоъат кунанд. Ин чунин авлёҳову солиҳону шаҳидон бе хости Худованд наметавонанд, ки зарареро аз худ дур кунанд ё фоидаеро ба худ расонанд.

Пас оё маъқул аст, шахсе ки ъоҷиз аст, барои худ фоидае расонад, ё зарареро аз худ дур кунад, ва ё ба касе дигаре фоида расонда тавонад ё зарареро аз касе рад карда тавонад?

Худованд ба паёмбараш ҳазрати Муҳаммад ***(саллаллоҳу ъалайҳи васалам)*** ки беҳтарини махлуқоти руи замин аст, чунин мегуяд:

قَالَ تَعَالَى: ﴿ قُلۡ إِنِّي لَآ أَمۡلِكُ لَكُمۡ ضَرّٗا وَلَا رَشَدٗا ٢١ ﴾ الجن: ٢١

***«Бигӯ: «Ман наметавонам ба шумо зиёне бирасонам ё шуморо ба салоҳ оварам»***

Пас агар Паёмбар ***(саллаллоҳу ъалайҳи васалам)*** ки беҳтарин халқи Худо ва беҳтарини паёмбарон аст, чунин қудратро надошта бошад, маълум мешавад ва шаку шубҳае нест ки дигар ягон кас чунин қудратро надорад.

Ман боварии комил дорам иншоолоҳ, ки касе нест аз мусалмонон ки ин ҳақиқатро надонад.

**Бародарону Хоҳарони азиз!**

Биёед як назаре ба ибодати паёмбарону авлиёҳо андозем, ва бубинем ки онҳо парвардигорашонро чигуна ибодат мекарданд.

Ва он ибодате, ки мо мусалмонон имрузҳо карда истодаем, бубинем, ки оё мувофиқи гуфтаи паёмбарону солиҳон ҳаст ё не, агар мувофиқи гуфтаи онҳо набошад, пас чаро кушиш накунем, ки ибодатҳоямонро мувофиқи гуфтаи онҳо анҷом диҳем.

Оё чигунае ки мардуми мусалмон имрузҳо ба хотири фарзанд ёфтан, ё шифо ёфтан, ё ба хотири баровардани дигар ҳоҷатҳояшон, ба назди қабрҳои шаҳидону имомон мераванд, оё паёмбарон ё авлиёҳову солиҳон низ ин корро мекарданд? Ё ба чунин кор амр мекарданд? Оё паёмбарон ба назди гурҳои дигар паёмбарони пеш аз худашон, рафта аз онҳо талаби баровардани ҳоҷатҳояшонро мекарданд. Ҳазрати Нуҳ *"Алайҳи салом"* мегуяд:

قَالَ تَعَالَىٰ: ﴿قَالَ رَبِّ إِنِّيٓ أَعُوذُ بِكَ أَنۡ أَسۡـَٔلَكَ مَا لَيۡسَ لِي بِهِۦ عِلۡمٞۖ وَإِلَّا تَغۡفِرۡ لِي وَتَرۡحَمۡنِيٓ أَكُن مِّنَ ٱلۡخَٰسِرِينَ ٤٧﴾ هود: ٤٧

***«Гуфт: «Эй Парвардигори ман, паноҳ мебарам ба Ту, агар аз сари ноогоҳи чизе бихоҳам ва агар маро набахшӣ ва ба ман раҳмат наёвари, аз зиёнкардагон хоҳам буд»***

Ҳазрати Иброҳим *"Алайҳи салом"* мегуяд:

قَالَ تَعَالَى: ﴿ إِنِّي وَجَّهْتُ وَجْهِيَ لِلَّذِي فَطَرَ السَّمَاوَاتِ وَالْأَرْضَ حَنِيفًا ۖ وَمَا أَنَا مِنَ الْمُشْرِكِينَ ﴿٧٩﴾ ﴾ الأنعام: ٧٩

***«Ман аз рӯи ихлос рӯи ба сӯи касе овардам, ки осмонҳову заминро офарида аст ва ман аз мушрикон нестам».***

Ҳазрати Яъқуб *"**Алайҳи салом**"* мегуяд:

قَالَ تَعَالَى: ﴿ قَالَ إِنَّمَا أَشْكُو بَثِّي وَحُزْنِي إِلَى اللَّهِ وَأَعْلَمُ مِنَ اللَّهِ مَا لَا تَعْلَمُونَ ﴿٨٦﴾ ﴾ يوسف: ٨٦

***«Гуфт; «Ҷуз ин нест, ки шарҳи андӯҳи худ танҳо бо Худо мегӯям. Зеро он чӣ ман аз Худо медонам, шумо намедонед!».***

Ҳазрати Мусо *"**Алайҳи салом**"* мегуяд:

قَالَ تَعَالَى: ﴿ قَالَ كَلَّا ۖ إِنَّ مَعِيَ رَبِّي سَيَهْدِينِ ﴿٦٢﴾ ﴾ الشعراء: ٦٢

***«Гуфт: «Ҳаргиз, Парвардигори ман бо ман аст ва манро роҳ хоҳад нишон дод».***

Ҳазрати Закарё "**Алайҳи салом**" мегуяд:

قَالَ تَعَالَى: ﴿ إِذْ نَادَىٰ رَبَّهُ نِدَاءً خَفِيًّا ﴿٣﴾ ﴾ مريم: ٣

***«Он гоҳ ки Парвардигорашро пинҳони садо кард».***

Ҳазрати Аюб *"**Алайҳи салом**"* мегуяд:

قَالَ تَعَالَى: ﴿ وَأَيُّوبَ إِذْ نَادَىٰ رَبَّهُ أَنِّي مَسَّنِيَ الضُّرُّ وَأَنتَ أَرْحَمُ الرَّاحِمِينَ ﴿٨٣﴾ ﴾ الأنبياء: ٨٣

***«Ва Айюбро ёд кун, он гоҳ, ки Парвардигорашро нидо дод: «Ба ман бемори ва ранҷ расидааст ва Ту меҳрубонтарини меҳрубононӣ».***

**Бубинед бародарону хоҳарони азиз!**

Тамоми паёмбарон чунин ақида доштанд, ва Худовандро бо ҳамин тариқа ибодат мекарданд, ва мардумро низ ба ин даъват мекарданд, аз ҳазрати Одам *"Алайҳи салом"* то ҳазрати Муҳаммад ***(саллаллоҳу ъалайҳи васалам)*** тамоми паёмбарон даъваташон ин буд ки мардумро аз ширку куфру гумроҳи ба суи нуру ҳидояту ибодати Худои якка ва ягона ҳидоят намоянд.

Худованди бузург имону ростии паёмбараш Муҳаммад ***(саллаллоҳу ъалайҳи васалам)*** ва саҳобагонашро ба мо чунин васф мекунад.

قَالَ تَعَالَى: ﴿ٱلَّذِينَ قَالَ لَهُمُ ٱلنَّاسُ إِنَّ ٱلنَّاسَ قَدْ جَمَعُوا۟ لَكُمْ فَٱخْشَوْهُمْ فَزَادَهُمْ إِيمَـٰنًا وَقَالُوا۟ حَسْبُنَا ٱللَّهُ وَنِعْمَ ٱلْوَكِيلُ ﴿١٧٣﴾﴾ آل عمران: ١٧٣

***«Касоне, ки мардум барояшон гуфтанд, ки мардум барои ҷанг бо шумо гирд омадаанд, аз онҳо битарсед ва ин сухан бар имонашон бияфзуд ва гуфтанд: «Худо моро басанда аст ва чӣ некӯ ёварест!».***

**Акнун бародарону хоҳарони азиз!** Дидед ки паёмбарону солиҳон, дар ҳама ҳолатҳо, чи дар осони, ва чи дар сахти, дуъояшон фақат ба суи Худо буд.

Пас шумо чи мегуед? Оё мегуед: Ё Аллоҳ! Ё Парвардигоро! ё инки мегуед: Ё Али! ва ё Ҳусейн! ва ё Маҳди! Ва ё Авлиё!?

Яке аз олимони Шиъа мегуяд : **имом Маҳди агарчи аз назари мардум махфи бошад, ва касе уро ҳам набинад, ва касе ҳам ба назди у наравад, ва ҷои уро надонад, ин далолат бар он намекунад, ки агар ҳоҷатманде, ё ноъилоҷе аз у талаби**

**баровардани ҳоҷаташро кунад, у дасташро нагирад, балки ин яке аз хусусиёти имом аст, ки агар бечорае, ё дармондае, аз у талаби кумаку ёри кунад, имом ҳоҷати уро баровarda месозад.**
**Яке аз маносиби имом онаст, ки агар шахсе сахтию душвориҳое ба болояш ояд ки тоқати чунин сахтиву душвориҳоро накунад, ва ҳамаи дарҳо ба рүяш баста шуда бошад, дар ҳамин ҳолат агар аз имом кумаку ёри талаб кунад, имом ҷавоби уро хоҳад гардонд, ва уро аз чунин душвориҳо барун хоҳад кард.** (ин суханҳо дар китоби Имом Маҳди ва пайдоиши у саҳифаӣ 327 мебошанд.)

**Бародарону хоҳари азиз!**
Оё мо дар намозҳоямон намегуем:

قَالَ تَعَالَى: ﴿إِيَّاكَ نَعْبُدُ وَإِيَّاكَ نَسْتَعِينُ ۝٥﴾ الفاتحة: ٥

***«Танҳо Туро мепарастем ва танҳо аз Ту кумак металабем».***
Оё маънои ин оятро дарк кардаед? Оё медонед ки ин оят чи мегуяд?
Ҳар як мусалмоне ки намоз мехонад, ҳатман ин оятро мехонад, мо дар ин оят ба Худованд ъаҳд мекунем ки Парвардигоро мо фақат туро ибодат мекунем, ва фақат аз ту талаби кумак мекунем.
Пас ҳар як мусалмон аз худаш бипурсад, вақто ки дар назди қабри касе ки набошад истода, аз мурдае, талаби шифо кунад, ё талаби фарзанд ё ризқу рузи кунад, пас куҷо мешавад он ъаҳди бастагии у бо Худованд?

Чаро дар намоз мегуем: Парвардигоро мо фақат туро ибодат мекунем, ва фақат аз ту талаби кумак мекунем?
Ва дар беруни намоз мухолифи ъаҳди кардагиямон бо Худованд, амал мекунем.
Оё шумо медонед фарқ байни он шахсе ки мегуяд: Парвардигоро мо фақат туро ибодат мекунем, ва фақат аз ту талаби кумак мекунем.
Ва шахсе ки мегуяд:

نادي عليا مظهر العجائب

تجده عونا لك في النوائب

*((Нидо кун Алии муъҷиза нишон диҳандаро: меёби уро кумак кунанда дар мушкилиҳоят))*
Оё фарқи байни ин ду шахсро медонед чист?
Оё медонед фарқ байни он шахсе ки мегуяд: Худоё дастамро бигир кумакам кун, ва шахсе ки мегуяд: Ё Али! Ё Маҳди! ва Ё пирам! дастамро бигир кумакам кун, оё медонед ин ду шахс аз ҳамдигар чи фарқ доранд?
Бовар кунед, мушрикони Макка ҳангоме ки дар ягон душвориву сахти гирифтор мешуданд руи ба Худои яка ва ягона меоварданд, ва Худоё мегуфтанд, аммо вақто ки бало аз сарашон дур мешуд, боз ба парастидани бутҳояшон шуруъ мекарданд.
Худованд дар ҳақи онҳо мефармояд:

قَالَ تَعَالَى: ﴿ قُلْ مَن يُنَجِّيكُم مِّن ظُلُمَٰتِ ٱلْبَرِّ وَٱلْبَحْرِ تَدْعُونَهُۥ تَضَرُّعًا وَخُفْيَةً لَّئِنْ أَنجَىٰنَا مِنْ هَٰذِهِۦ لَنَكُونَنَّ مِنَ ٱلشَّٰكِرِينَ ﴿٦٣﴾ ﴾ الأنعام: ٦٣

*«Бигӯ: «Чӣ касе шуморо аз ваҳшатҳои хушкиву оби наҷот медиҳад? Ӯро ба зори ва дар ниҳон мехонед, ки агар аз ин мусибат моро бираҳонад, мо низ аз шукргузорон хоҳем буд».*

**Бародарону хоҳарони азиз!**

Оё шумо аз мурдаҳо талаби кумак мекунед?

Барои чи аз он зоте ки ҳаргиз намемирад ва доимо зиндаву ҷовидон аст, аз У талаби кумак намекунед?

Оё ин сухани Худоро фаромуш кардед:

قَالَ تَعَالَىٰ: ﴿ وَتَوَكَّلْ عَلَى ٱلْحَيِّ ٱلَّذِى لَا يَمُوتُ وَسَبِّحْ بِحَمْدِهِۦ ۚ وَكَفَىٰ بِهِۦ بِذُنُوبِ عِبَادِهِۦ خَبِيرًا ﴿٥٨﴾ ﴾ الفرقان: ٥٨

*«Ва бар Он зиндае, ки намемирад, таваккал кун ва ба ситоиши Ӯ тасбеҳ гӯй, ва Ӯ худ барои огоҳи аз гуноҳони бандагонаш кофист».*

Шояд ба шумо гуянд ки онҳо, яъне авлёҳову солиҳон ё имомон дар қабрҳояшон зинда ҳастанд, ман низ мегуям бале, локин ҳаёти онҳо, ҳаёти махсусе мебошад, онро ҳаёти барзахи мегуянд, ва онҳо ба ҳоли худ саргардонанд, ва дар он неъматҳое ки Худованд насибашон кардааст, машғули он неъматҳо мебошанд.

**Бародарону хоҳарони азиз!**

Хоҳиш мекунам ба ин суханони ман хуб диққат диҳед, агар дар замони ҳазрати Али ***(Разия аллоҳу ъанҳу)*** ё кадом пири комиле ё ягон авлиёе ки набошад, (яъне вақто ки у зинда бошад) ё аз Макка ё аз Мадина ё ин ки аз куҷое дунё ки набошад, агар

шахсе бихоҳад ки бо ҳазрати Али *(Разия аллоҳу ъанҳу)* ё кадом пири комиле ё авлиёе ки набошад гуфтугу кунад, ба фикри шумо оё ин шахс ба назди ҳазрати Али *(Разия аллоҳу ъанҳу)* ё ҳамон пири комил ё авлиё рафта, ва дар наздаш истода бо у сухан мегуяд, ё инки метавонад аз хонааш сарфи назар аз ин ки хонаи у дар куҷои дунё бошад, Ё Али! ё инки Ё пирам ва Ё авлиё ! Гуфта бо у суҳбат мекунад?
Яъне агар аз Тоҷикистон бо забони тоҷики гуяд: Ё Али! Ва Ё пирам! Ва Ё авлиё! дастамро бигир, оё ҳазрати Али ё ҳамон пири комилу авлиё агар зинда бошад аз Мадинаи мунаввара ин дуоро мешунавад? Оё ин кор имконпазир аст? Оё ин кор маъқул аст?
Ва ин чунин дар ҳамин вақт аз Ҳиндустон дигар кас бо забони ҳиндуги ва аз Амрико бо забони амрикои ва аз Туркия бо забони турки ва аз дигар минтақаҳои чаҳон бо забонҳои мухталиф ва дар як вақт ҳама Ё Али! ва Ё пирам ва Ё авлиё! гуфта кумаку ёри талаб кунанд, оё барои шумо ин кор маъқул аст ки ҳазрати Али *(Разия аллоҳу ъанҳу)* ё ҳамон пири комилу авлиё ҷавоби ҳамаи онҳоро бидиҳад ва ҳоҷатҳояшонро бароварда созад?
Аммо ман фикр мекунам ки ин корро ба ҷуз Худованд каси дигаре қудрат надорад ки анҷом бидиҳад ва ин коре аст махсуси Худованд, ва ба ҷуз Худованд дигар ҳеҷ кас наметавонад талботи бандаҳояшро бо забонҳои мухталифашон ва дар як вақти муаян шунида ба онҳо ҷавоб гуяд.

Шумо бубинед ҳазрати Исо *"Алайҳи салом"* ки Паёмбар буд чи мегуяд:

قَالَ تَعَالَى: ﴿ مَا قُلْتُ لَهُمْ إِلَّا مَا أَمَرْتَنِي بِهِۦٓ أَنِ ٱعْبُدُوا۟ ٱللَّهَ رَبِّي وَرَبَّكُمْ ۚ وَكُنتُ عَلَيْهِمْ شَهِيدًا مَّا دُمْتُ فِيهِمْ ۖ فَلَمَّا تَوَفَّيْتَنِي كُنتَ أَنتَ ٱلرَّقِيبَ عَلَيْهِمْ ۚ وَأَنتَ عَلَىٰ كُلِّ شَيْءٍ شَهِيدٌ ﴿١١٧﴾ ﴾ المائدة: ١١٧

***«Ман ба онон ҷуз он чӣ Ту фармонам дода буди, нагуфтам. Гуфтам, ки Оллоҳ — Парвардигори маро ва Парвардигори худро бипарастед. Ва ман то дар миёнашон будам, нигаҳбони ақидаашон будам ва чун маро миронидӣ, Ту худ нигаҳбони ақидаашон гашти. Ва Ту бар ҳар чизе огоҳӣ».***

Бале савганд ба Худо ки ин аст ҳақиқат то вақте ки зинда буданд медиданд ва мешуниданд, аммо вақто ки аз дунё гузаштанд ба ҳоли худ саргардонанд, ва аз ончи дар дунё мегузарад хабаре надоранд.

Акнун биёед бубинем ки Худованд дар ҳақи касоне ки ба у шарик меоранд чи мегуяд:

قَالَ تَعَالَى: ﴿ إِنَّ ٱللَّهَ لَا يَغْفِرُ أَن يُشْرَكَ بِهِۦ وَيَغْفِرُ مَا دُونَ ذَٰلِكَ لِمَن يَشَآءُ ۚ وَمَن يُشْرِكْ بِٱللَّهِ فَقَدْ ضَلَّ ضَلَٰلًۢا بَعِيدًا ﴿١١٦﴾ ﴾ النساء: ١١٦

***«Худо касеро, ки барои ӯ шарике қарор диҳад, намебахшад ва ҷуз он ҳар гуноҳеро барои ҳар кӣ хоҳад, мебахшад. Ва ҳар кас, ки барои Худо шарике қарор диҳад, сахт ба гумроҳӣ афтодаст».***

Ва дар дигар оят мефармояд:

قَالَ تَعَالَى: ﴿ إِنَّهُۥ مَن يُشْرِكْ بِٱللَّهِ فَقَدْ حَرَّمَ ٱللَّهُ عَلَيْهِ ٱلْجَنَّةَ وَمَأْوَىٰهُ ٱلنَّارُ ۖ وَمَا لِلظَّٰلِمِينَ مِنْ أَنصَارٍ ﴿٧٢﴾ ﴾ المائدة: ٧٢

***«Зеро ҳар кас, ки барои Худованд шарике қарор диҳад, Худо биҳиштро бар ӯ ҳаром гардонад ва ҷойгоҳи ӯ оташ аст ва ситамкоронро ёваре нест».***

Худованд дар Қурон доимо мефармояд: манро дуъо кунед, парвардигоратонро дуъо кунед, аз парвардигоратон талаби кумак кунед, аз парвардигоратон битарсед, ба бар пардигоратон тавакал кунед.

**Бародарону хоҳарони азиз!**

Қуронро бихонед сураи Нурро бихонед, сураи Ҳуд ва Фурқонро бихонед, ва бубинед ки оё дар ягон ҷои Қурон мебинед ки Худованд амр карда бошад ки ғайри уро дуъо кунем ва ё аз ғайри у кумак талаб кунем, на, ҳаргиз чунин амре вуҷуд надорад балки мо бандаҳояшро доимо амр кардааст ки фақат уро дуъо кунем ва фақат аз у ёриву кумак биталабем.

**Бародарону хоҳарони азиз!**

Оё Ё Али! ва ё инки Ё Маҳди! гуфтан, ва ё ин ки Ё пирам, ва Ё авлиё! гуфтан, дуъо ё нидои ғайри Худо нест?

Худи шумо бигуед, чи фарқ аст миёни касе ки Ё Али! ва Ё Маҳди! ва Ё пирам! мегуяд, ва касе ки Ё Лот! ва Ё Уззо! мегуяд, имруз мусулмонон Ё Али! ва Ё Маҳди! ва Ё пирам! мегуянд, ва дируз мушрикони Макка Ё Лот! ва Ё Уззо! мегуфтанд, шояд шумо гуед ки мушрикон онҳоро, яъне Лоту Уззоро ҳамчун Худо ибодат мекарданд, аммо мо Ҳазрати Али ё пирҳову авлиёҳоро Худо намегуем, на, дустони азиз ин хел нест, балки мушрикони Макка Ё Лот! ва Ё Уззо! мегуфтанд, чунин эътиқод доштанд ки Лоту Уззо аз авлиёҳое буданд ки бо сабаби онҳо худашонро бо Худованд наздик месохтанд, чуноне ки Худованд мефармояд:

قَالَ تَعَالَى: ﴿ أَلَا لِلَّهِ ٱلدِّينُ ٱلْخَالِصُ ۚ وَٱلَّذِينَ ٱتَّخَذُوا۟ مِن دُونِهِۦٓ أَوْلِيَآءَ مَا نَعْبُدُهُمْ إِلَّا لِيُقَرِّبُونَآ إِلَى ٱللَّهِ زُلْفَىٰٓ إِنَّ ٱللَّهَ يَحْكُمُ بَيْنَهُمْ فِى مَا هُمْ فِيهِ يَخْتَلِفُونَ ۗ إِنَّ ٱللَّهَ لَا يَهْدِى مَنْ هُوَ كَـٰذِبٌ كَفَّارٌ ﴿٣﴾ ﴾ الزمر: ٣

***«Огоҳ бош, ки дини холис аз они Худост ва онон, ки ғайри Ӯ дигареро ба худои гирифтанд, гуфтанд(мушрикон): «Инонро аз он рӯ мепарастем, то василаи наздикии мо ба Худои якто шаванд. Ва Худо дар он чӣ ихтилоф мекунанд, миёнашон ҳукм хоҳад кард. Худо онро, ки дурӯғгӯву носипос бошад, ҳидоят намекунад».***

Ва ин чунин мефармояд:

قَالَ تَعَالَىٰ: ﴿ وَلَئِن سَأَلْتَهُم مَّنْ خَلَقَ ٱلسَّمَٰوَٰتِ وَٱلْأَرْضَ لَيَقُولُنَّ خَلَقَهُنَّ ٱلْعَزِيزُ ٱلْعَلِيمُ ﴿٩﴾ ﴾ الزخرف: ٩

***«Агар аз онҳо (мушрикон) бипурсӣ: «Чӣ касе осмонҳову заминро офаридааст?» Мегӯянд: «Осмону заминро он ғолиби доно(яъне Худоӣ ягона) офаридааст!».***

Пас маълум мешавад ки мушрикони Макка низ Худои яккаву ягонаро мешинохтанд, ва сабаби ибодаташон Лоту Уззоро ба хотири он будааст ки худашонро ба Худованд наздик созанд, аммо шумо имрузҳо дида истодаед, мардуми мусалмон чигуна дар атрофи қабрҳои имомону солиҳон тавоф карда, аз соҳиби он қабр талаби баровардани ҳоҷатҳояшонро мекунанд, ва дар назди қабр дуъову гиряву зори мекунанд, ин намуд ширкиётҳо то ба дараҷае дар миёни мусалмонон интишор шудааст ки аз чашми инсон ашк ҷори мешавад, на ашки об, балки ашки хун.

## Шиъаҳо ва Қурони карим

**Бародарони азиз!** Оё медонед ки, имкон надорад, ки инсон шиъа бошаду Қуронро муҳарраф нагуяд,

шояд ин сухан шуморо ба таъаҷҷуб орад, локин ин ҳақиқат аст.

Акнун хуб таваҷҷуҳ кунед то ки барои шумо яқин шавад ки кор чунин аст.

Аҳли суннат Қурони каримро бо ривоятҳои мутавотиру саҳиҳу машҳур аз Пайғамбар *(саллаллоҳу ъалайҳи васалам)* то имрузу ин соъат нақлу ривоят мекунанд.

Ва қуронҳое ки имруз мардуми руи замин хонда истодаанд ғолибан бо чаҳор ривоят мебошанд.

Бо ривояти Ҳафс аз Ъосим, ва ин ривоят дар минтақаҳои халиҷи араби ва Мисру Шом ва Ироқу Яман машҳур аст.

Бо ривояти Варш аз Нофеъ ва ин ривоят дар Мағрибу Ҷазоир машҳур аст.

Бо ривояти Қолун аз Нофеъ ва ин ривоят дар Либя машҳур аст.

Бо ривояти Дури аз Абуамр ин ривоят дар Тшад ва ҷануби Судон машҳур аст.

Ва ин чунин дигар ривоятҳое ҳам ҳастанд ки дар байни мардум онқадар мунташир нашудаанд локин дар донишгоҳҳои исломи ин ривоятҳоро мехонанд. Ва ногуфта намонад ки ҳамаи ин ривоятҳои машҳуру ғайри машҳур аз ноқилони аҳли суннат мебошанд.

Акнун бародарону хоҳароне ки пайрави мазҳаби шиъа мебошед, хоҳиш мекунам аз олимҳоятон пурсед, куҷост он қуроне ки аз аҳли байт ривоят шудааст? куҷост он қуроне ки имомони аҳли байт аз ҳамдигар ривоят кардаанд? куҷост он қуроне ки

санадаш аз имом Аскари аз Ҳоди аз Ҷаввод аз Ризо аз Козим аз Содиқ аз Боқир аз Зайналобидин аз Ҳусейн ***(Разия аллоҳу ъанҳу)*** ё аз Ҳасан ***(Разия аллоҳу ъанҳу)*** аз ҳазрати Али ***(Разия аллоҳу ъанҳу)*** аз Пайғамбар ***(саллаллоҳу ъалайҳи васалам)*** бошад? Оё шумо эътиқод надоред ки аҳли байт аз ҳама дар қурон донотаранд? Пас барои чи шогирдони аҳли байт тамоми чизро аз онҳо ривоят кардаанду фақат Қуронро не?

Оё уламои шиъа метавонанд бидуни ин ки такя ба санадҳои аҳли суннат кунанд, санади Қуронро аз имоми дувоздаҳум то Пайғамбар ***(саллаллоҳу ъалайҳи васалам)*** расонанд?

Аммо ман мегуям албатта не, ин корро ҳеҷ вақт карда наметавонанд, аз онҳо пурсед бигуед чаро сунниҳо аз Пайғамбар ***(саллаллоҳу ъалайҳи васалам)*** то ҳозир ривояти Қуронро доранду мо не?

Шояд онҳо суханҳои манро нодуруст гуфта ба шумо гуянд ки мо як ривояте дорем ки у аз Ҳамзаи Заёт аз Боқир аз Зайналобидин аз Ҳусейн ибни Али ***(Разия аллоҳу ъанҳу)*** мебошад, локин бародарон, ин ҷо суоле ба миён меояд, ки чаро Ҳамзаи Заёт аз Боқир ривоят мекунаду, Содиқ не, ва чаро аз Содиқ фарзандаш Козим ривоят накардааст? Ва аз Козим Ризо ривоят накардааст? Ривояту нақли Қурон кори андаке нест ки ба ғайр аз аҳли байт дигарон уро ба души худ гиранд, оё Ҳамзаи Заёт аз Аҳли байт аст? Албатта не, мо аз шумо ривояте талаб дорем ки ровиёнаш ҳама аз аҳли байт бошанд.

Ва ин чунин бародарони азиз! Хоҳиш мекунам ки ин саволро низ аз олимҳоятон пурсед, ки оё чуноне ки суннихо аз Пайғамбар *(саллаллоҳу ъалайҳи васалам)* то ҳозир ривоятҳои мутавотири Қуронро доранд, оё шумо ҳам доред, оё қории шиъае ёфт мешавад, ки санади Қуронро аз худаш то Пайғамбар *(саллаллоҳу ъалайҳи васалам)* бурда расонад? Ё ин ки алалақал то ҳамон Ҳамзаи Заёт санади Қуронро бурда расонад.
Оё дар ягонҷо шунидаед, ки бигуянд ин қироати Ҳамзаи Заёт мебошад, ин ба ҳама маълум аст, ки тамоми шиъаҳои ҷаҳон ё аз ривояти Ҳафс аз Осим, ё аз ривояти Варш аз Нофеъ, ё аз ривояти Қолун аз Нофеъ, ё аз ривояти Дуври аз Абуамр мехонанд.
Пас дар ҳоли ҳозир куҷост ривояти Ҳамзаи Заёт? Барои чи аз ривояти у намехонед? Албатта чунки чунин ривояте вуҷуд надорад, ва қуроне нест ки дар пушташ нависонда шуда бошад ки ин қурон тибқи ривояти Ҳамзаи Заёт мебошад.
Акнун маълум шуд, ки ровиёну ноқилони қуроне ки шиъаҳо аз аввал то имруз хонда истодаанд сунниҳо мебошанд.
Акнун маънои сухани ман, ҳангоме гуфта будам, ки шиъае нест, ки ба муҳарраф набудани Қурон эътиқод надошта бошад, аз ин саволам ба пайравони мазҳаби шиъа, маълум мешавад.
Саволам инаст, ки бародарону хоҳароне, ки пайравии мазҳаби шиъаро мекунед, шумо чигуна қуронеро, ки ровиёну ноқилони у дар назди шумо кофиранд қабул доред? Агар саҳобаҳои Пайғамбар

***(саллаллоҳу ъалайҳи васалам),*** алалхусус, Абубакру, Умару, Усмону, дигар бузургони саҳобаҳо кофир бошанд пас чаро қуроне ки онҳо аз Пайғамбар ***(саллаллоҳу ъалайҳи васалам)*** ба мо ривоят карда расониданд қабул доред, чигуна ба ривоят ё нақли касе такя мекунед ки дар ақидаи шумо у кофиру золиму фосиқ аст, ин қуроне ки мо ҳозир дар байни дастонамон дорем, аз ривояти саҳобаҳои Пайғамбар ***(саллаллоҳу ъалайҳи васалам)*** мебошад. Ровиёнаш Ҳафс аз Осим аз Абуабдураҳмони Сулами аз ҳазрати Усмон ***(Разия аллоҳу ъанҳу),*** аз ҳазрати Али ***(Разия аллоҳу ъанҳу),*** аз ҳазрати Убай ***(Разия аллоҳу ъанҳу),*** аз ҳазрати Зайд ибни Собит ***(Разия аллоҳу ъанҳу),*** мебошад.

Ва саволи дигарам инаст, ки оё санаде доред, ки алалақал то ровиёни сунни расида бошад, мисли Ҳафс ё Варш ё Қолун ё Дуври.

Ман боз мегуям, ки шиъае нест, ки эътиқоди таҳрифро надошта бошад.

Агар дар нақл кунанда бовари набошад ва нақл кунанда кофиру фосиқу золим бошад ҳеҷвақт дар нақли кардаи у бовари нест.

Ва ногуфта намонад, ки шиъаҳо олимони зиёде доранд, ки Қуронро ошкоро муҳарраф гуфтаанд, мисли, Неъматуллоҳи Ҷазоири, ва Нури Табраси, ва дигарҳо, аз имомонашон, бо гуфти худашон ривоятҳои саҳеҳу мутавотире доранд, ки гуё ки Қурон муҳараф мебошад, аммо дар муқобил, ҳато як

ривояти сариҳу ошкоре ҳам надоранд, ки  дар он омада бошад ки Қурон муҳарраф нест.
Барои ҳамин уламои аҳли суннат дар масъалаи Қурон бисёр сахтгири мекунанд, ва таҳриф гуяндаро кофир мегуянд, ва ин ҳукмашонро ошкоро эълон мекунанд ва далилашон қавли Худованд аст ки чунин мефармояд:

قَالَ تَعَالَى: أَعُوذُ بِاللَّهِ مِنَ الشَّيْطَانِ الرَّجِيمِ ﴿ إِنَّا نَحْنُ نَزَّلْنَا الذِّكْرَ وَإِنَّا لَهُ لَحَافِظُونَ ﴿٩﴾ ﴾ الحجر: ٩

***«Мо Қуръонро худ нозил кардаем ва худ нигаҳбонаш ҳастем».***

Аммо уламои шиъа бошанд таҳрифгуяндаи Қуронро кофир намегуянд, балки мегуянд, ки агар касе Қуронро муҳарраф гуяд, у дар ин қавлаш хато кардааст.

**Бародарону хоҳарони азиз!** Агар инсоне ки қуронро муҳарраф гуяд, хатокору муҷтаҳид бошад, пас аз ислом барои мо чи боқи мондааст.
Чихеле ки ба ҳама маълум аст, шиъаҳо барои рукн ё фарз будани имомат ҳадиси сақалайнро далил мегиранд, ва маънои сақалайн яъне ду сақал, яке сақали акбар ки у Қурон аст ва дигаре сақали асғар ки у ҳам аҳли байт мебошанд.
Акнун ман ба бародарону хоҳарони шиъа савол медиҳам, ки оё шумо кушандаҳои ҳазрати имом Ҳусейнро, ки у яке аз афроди сақали асғар мебошад, бо иҷмоъи уламоятон кофиру золим намегуед?
Ва оё далилатон ҳадиси сақалайн  нест?

Пас барои чи, онҳоеро ки таъна дар сақали акбар мезананду уро бо кулли муҳаррафу ноқис мегуянд, уро кофир намегуед? Барои чи аксари уламои шумо Қуронро муҳаррафу ноқис мегуянд, кофирашон намегуед, дар ҳоле ки Қурон сақали акбар аст, яъне аз имомат ҳам бузург аст.

**Бародарону хоҳарони азиз!** Оё шумо қабул доред ки пешвоёни шумо касоне бошанд ки Қуронро муҳарраф гуянд?
Оё шумо онҳоро ҳамчун рамзҳои мазҳаби худ медонед?
Оё ба хотири он китобҳову таълифоте ки барои шумо мерос гузоштанд дар ҳақи онҳо дуъо мекунеду, аз Худованд барои онҳо талаби мағфират мекунед?

**Бародарону хоҳарони азиз!** Оё медонед ки яке аз бузургтарини олимҳои шумо ба номи Ҳусейни Нури Табраси, дар китобаш Фаслул Хитоб фи Таҳриф китоб раббил арбоб, мегуяд: -(наъузу биллоҳ)- дар Қурон оятҳое ҳастанд ки сахиф (яъне пасту ҳақир) мебошад, ба фикри шумо, бародарону хоҳарон оё ин сухан инсонро аз миллати ислом решакан карда берун намепартояд?
Оё шумо чунин одамро мусалмон дониста пешвои худ медонед? Ва дар ҳақаш дуъо мекунед?

**Бародарону хоҳарони азиз!** Ман аз шумо дар ҳол ҷавоби саволҳоямро талаб намекунам, локин агар

мақсади шумо пайдо кардани ҳақ бошад, ва ман ҳам иншоолоҳ аз шумо чунин умед дорам, ва барои ҳамин ҳам, ман ба шумо мегуям, ки аз олимонатон бипурсед, ки ин олим, Ҳусейн Нури Табраси дар назди уламои шиъа чи андоза қадру манзилату бузурги дорад, сипас мефаҳмед ки, киҳоро пайрави карда истодаед.

**Бародарону хоҳарони азиз!** Агар мо Қуронро нусрат надиҳем, ва бо душманони у душмани накунем, ва аз онҳое ки дар Қурон таънаҳо мезананд, безори накунем, пас чихел мусулмонии мо дуруст мешавад? Бо кадом далил мо худро мусалмон гуем?.

**Бародарону хоҳарони азиз!** Олимҳоятонро маҷбур кунед, ки ҳамон гунае ки носибиҳои лаънатиро кофир ҳукм мекунанд, ана ҳамон хел ҳар касе ки Қуронро муҳарраф мегуяд кофир ҳукм кунанд, барои чи носибиҳое ки бо аҳли байти Пайғамбар ***(саллаллоҳу ъалайҳи васалам)*** душмани мекарданд, дар ҳоле ки онҳо башар буданд, кофирашон ҳукм мекунанду, Қурон ки китоби Худо ва сухани Худост таъназанада ва душмани уро кофир ҳукм намекунанд?

Аммо, мо аҳли суннат, шукри Худо ки манҳаҷи мо дар дифоъ, аз ин дини ҳаниф, ошкору возеҳ аст, мо байни касе ки таъна ба қурон ё Пайғамбар ***(саллаллоҳу ъалайҳи васалам)*** ва ё ба асҳоби у ё аҳли байти у мезананду бо онҳо душмани мекунанд фарқе намегузорем, дар назди мо ҳар касе ки чи дар Қурон

ва ё чи дар асҳобу оли байт таъна бизанад, кофир аст, ва мо аз у безорем, ва уро бад мебинем.

## Шиъаҳо ва саҳобаҳои Пайғамбар
***(саллаллоҳу ъалайҳи васалам)***

Уламо ва имомхатибони шиъа, ба мардум чунон нишон доданд, ки гуё атрофиёни Пайғамбар ***(саллаллоҳу ъалайҳи васалам)*** ҳамаги кофирону мунофиқону дуруғгуён бошанд, гуё дар зоҳир ба хотири дунё шуда худро мусалмон нишон медоданду, аммо дар ботин баръакс, кофиру мунофиқу дуруғгу буданд.

Инчунин ба мардум нишон доданд, ки гуё Пайғамбар ***(саллаллоҳу ъалайҳи васалам)*** онҳоро бад медиду, намехост, ки бо онҳо рафтуомад кунаду ҳамсуҳбат шавад, ва ба онҳо шабу руз лаънат мегуфт, ва гуё ки Қурон барои лаънат гуфтани онҳо нозил мешуд, ва онҳо дар Қурон мучриму мунофиқу фосиқу кофир ёд мешуданд. Ва дар Қурон ҳеҷ бадие зикр намешуд, магар ки мақсад аз ин бади гуё саҳобаҳо бошанд, ва дар Қурон ҳеҷ лаънате зикр намешуд магар ки мақсад аз ин лаънат саҳобаҳо бошанд, уламои шиъа саҳобаҳои Пайғамбар ***(саллаллоҳу ъалайҳи васалам)*** ро дар назари мардум бо чунин сифатҳо нишон медоданд, гуё ки Пайғамбар ***(саллаллоҳу ъалайҳи васалам)*** аз саҳобаҳояш чунин зулму фисқу куфрро медиду, локин сокит буд ва ҷуръате ҳам надошт, ки онҳоро аз ин куфриёташон манъ кунад.

Мегуем аллоҳу мустаъон!! чи зулму буҳтоне кардаанд дар ҳақи саҳобаҳо.
Худованд моро ба суи он роҳе ки дуст медораду аз он рози аст ҳидоят кунад.
Оё медонед саҳобаҳо киҳоянд? Саҳобаҳо касонеанд ки Пайғамбар ***(саллаллоҳу ъалайҳи васалам)***-ро пайрави карданд, дар ҳоле ки яккаву танҳо буд, саҳобаҳо касонеанд ки бахотири ислом, молҳову ҷонҳои худро фидо карданд, ба хотири ислом шуда бо ҳама наздикону хешовандони худ ки кофир буданд, ҷанг карданд, ягон кори хайре набуд, ки дар у пешқадам набошанд, то дараҷае хайрхоҳу дустдори ҳақ буданд ки Худованд ин кори онҳоро ошкоро дар Қурон эълон кард ва гуфт:

قَالَ تَعَالَى: ﴿ مُّحَمَّدٌ رَّسُولُ ٱللَّهِ ۚ وَٱلَّذِينَ مَعَهُۥٓ أَشِدَّآءُ عَلَى ٱلْكُفَّارِ رُحَمَآءُ بَيْنَهُمْ ۖ تَرَىٰهُمْ رُكَّعًا سُجَّدًا يَبْتَغُونَ
فَضْلًا مِّنَ ٱللَّهِ وَرِضْوَٰنًا ۖ سِيمَاهُمْ فِى وُجُوهِهِم مِّنْ أَثَرِ ٱلسُّجُودِ ۚ ذَٰلِكَ مَثَلُهُمْ فِى ٱلتَّوْرَىٰةِ ۚ وَمَثَلُهُمْ فِى
ٱلْإِنجِيلِ كَزَرْعٍ أَخْرَجَ شَطْـَٔهُۥ فَـَٔازَرَهُۥ فَٱسْتَغْلَظَ فَٱسْتَوَىٰ عَلَىٰ سُوقِهِۦ يُعْجِبُ ٱلزُّرَّاعَ لِيَغِيظَ بِهِمُ ٱلْكُفَّارَ ۗ
وَعَدَ ٱللَّهُ ٱلَّذِينَ ءَامَنُوا۟ وَعَمِلُوا۟ ٱلصَّٰلِحَٰتِ مِنْهُم مَّغْفِرَةً وَأَجْرًا عَظِيمًۢا ﴿٢٩﴾ ﴾ الفتح: ٢٩

***«Муҳаммад — паёмбари Худо ва касоне, ки бо ӯ ҳастанд, бар кофирон сахтгиранд ва бо якдигар меҳрубон. Ононро бинӣ, ки руқӯъ мекунанд, ба саҷда меоянд ва талабкунандаи фазлу хушнудии Худо ҳастанд. Нишонашон асари саҷдаест, ки бар чеҳраи онҳост. Ин аст васфашон дар Таврот ва дар Инҷил, мисли зироате ҳастанд, ки гиёҳ барорад ва он ҷавона маҳкам шавад ва бар поҳои худ биистад ва Деҳқононро ба ҳайрат водорад, то он ҷо ки кофиронро ба хашм оварад. Худо аз миёни онҳо***

***касонеро, ки имон овардаанд,ва корҳои шоиста кардаанд, бахшоиш ва мукофоте бузург ваъда додааст!».***

Бародарону хохарони азиз! Ба ин суханони Худованд хуб таваҷуҳ кунед, бубинед ки Худованд чи қадар зебо ҳоли саҳобаҳоро бо ҳамдигар васф мекунад: мегуяд яке аз сифатҳои онҳо ин аст ки ***(бо ҳамдигар бисёр бо раҳму бо шафқат ҳастанд ва бо кофирон сахтгиру шадид ҳастанд).***

Ва дигар сифаташон инаст ки ***(ҳарвақто ки онҳоро мебини ё дар рукуъ ҳастанд ё дар саҷда).***

Ин чунин Худованд дар давоми суханаш мегуяд

يَبۡتَغُونَ فَضۡلٗا مِّنَ ٱللَّهِ وَرِضۡوَٰنٗاۖ

Яъне мақсади саҳобаҳо аз ин корашон фақат ҳамин аст ки ***(талабкунандаи фазлу хушнудии Худо ҳастанд)***,

Бубинед дар ин оят Худованд азончи ки онҳо дар дил доранд ба мо хабар медиҳад, яъне мақсадашон розигию хушнудии Худованд будааст.

Ва ба ин сухани Худо низ таваҷуҳ кунед мегуяд

لِيَغِيظَ بِهِمُ ٱلۡكُفَّارَ

Яъне ***(то он ҷо ки кофиронро ба хашм оварад)***,

Акнун маълум аст, ки кофирон ҳастанд ки аз саҳобаҳо ба хашм меоянду онҳоро бад мебинанд, пас эҳтиёт кунед, то аз ҷумлаи касоне набошед, ки аз саҳобаҳо ба хашм оеду онҳоро бад бинед .

Ва ин чунин Худованд дар ҳақи саҳобагон мефармояд:

قَالَ تَعَالَىٰ: ﴿ لَّقَدْ رَضِيَ ٱللَّهُ عَنِ ٱلْمُؤْمِنِينَ إِذْ يُبَايِعُونَكَ تَحْتَ ٱلشَّجَرَةِ فَعَلِمَ مَا فِي قُلُوبِهِمْ فَأَنزَلَ ٱلسَّكِينَةَ عَلَيْهِمْ وَأَثَٰبَهُمْ فَتْحًا قَرِيبًا ﴿١٨﴾ ﴾ الفتح: ١٨

***«Худо аз мӯъминон, он ҳангом ки дар зери дарахт бо ту байъат карданд, хушнуд гашт, ва донист, ки дар дилашон чӣ мегузарад. Пас оромиш бар онҳо нозил кард ва ба фатҳе яъне (ғалабае) наздик мукофоташон дод».***

Дар ин сухани Худо таваҷуҳ кунед мегуяд

فَعَلِمَ مَا فِي قُلُوبِهِمْ

***«Худованд донист, ки онҳо дар дилҳояшон чи қадар, имону ихлосу тақвоӣ (зиёд) доранд».***

Бубинед, дар ин оят, низ Худованд аз ончи саҳобаҳо дар дилҳояшон доранд, ба мо хабар медиҳад, ва ин ба ҳама маълум аст, ки он чики дар дил аст ба ғайр аз Худо касе дигаре наметавонад, аз у бохабар бошад, барои ҳамин аҳли суннат, ҳар касеро ки саҳобаҳоро, алалхусус он саҳобаҳое, ки дар ин байъат (яъне байъати ризвон) иштирок карданд, дар дини онҳо таъна занад, мисли ин ки онҳоро кофир ё мунофиқ гуяд, ин шахсро кофир мегуянд, чунки у мухолифи сухани Худо ҳукм кардааст.

**Бародарону Хоҳарони азиз!** Барои чи Қуронро борҳо, бо тадаббуру таамул нахонем то ин ки ҳақро аз ботил фарқ кунем, оё шумо ин сухани Худоро нахондаед?

قَالَ تَعَالَى: ﴿ لِلْفُقَرَاءِ الْمُهَاجِرِينَ الَّذِينَ أُخْرِجُوا مِن دِيَارِهِمْ وَأَمْوَالِهِمْ يَبْتَغُونَ فَضْلًا مِّنَ اللَّهِ وَرِضْوَانًا وَيَنصُرُونَ اللَّهَ وَرَسُولَهُ ۚ أُولَٰئِكَ هُمُ الصَّادِقُونَ ﴿٨﴾ ﴾ الحشر: ٨

***«Низ ғаноим аз они муҳоҷирони фақирест, ки аз сарзаминашон ронда шудаанд ва онҳо дар талаби фазлу хушнудии Худоянд ва Худову паёмбарашро ёрӣ мекунанд, инҳо ростгӯёнанд».***

Ба фикри шумо муҳоҷирон киҳо ҳастанд? Оё аз ҷумлаи муҳоҷирон ва бузургони онҳо, Абубакр, Умар, Усмон, Алив, Талҳав, Зубайр, Абдураҳмон ибни Авф, ва Абуубайда, ва Саъд ибни Абиваққос, ва Саъид ибни Зайд, ва Салмони форси ва Суҳайби Руми, ва Абузар, ***(Разия аллоҳу ъанҳум)*** набуданд?.

Ва дар ояти баъди Худованд мегуяд:

قَالَ تَعَالَى: ﴿ وَالَّذِينَ تَبَوَّءُوا الدَّارَ وَالْإِيمَانَ مِن قَبْلِهِمْ يُحِبُّونَ مَنْ هَاجَرَ إِلَيْهِمْ وَلَا يَجِدُونَ فِي صُدُورِهِمْ حَاجَةً مِّمَّا أُوتُوا وَيُؤْثِرُونَ عَلَىٰ أَنفُسِهِمْ وَلَوْ كَانَ بِهِمْ خَصَاصَةٌ ۚ وَمَن يُوقَ شُحَّ نَفْسِهِ فَأُولَٰئِكَ هُمُ الْمُفْلِحُونَ ﴿٩﴾ ﴾ الحشر: ٩

***«Ва касоне, ки пеш аз омадани муҳоҷирон ,дар диёри худ будаанд ва имон овардаанд, онҳоеро, ки ба сӯяшон мухоҷират кардаанд, дӯст медоранд. Ва аз он чӣ муҳоҷиронро дода мешавад, дар дил эҳсоси ҳасад намекунанд ва дигаронро бар худ ихтиёр мекунанд, ҳарчанд худ мӯҳтоҷ бошанд. Ва онон, ки аз бахилии худ дар амон монда бошанд, наҷотёфтагонанд!».***

**Бародарону хоҳарони азиз!** Худи шумо бигуед: оё мақсади Худованд дар ин оят ғайр аз ансор, каси

дигар аст? Оё аз ҷумлаи ансор ва аз бузургони онҳо Саъд ибни Убода, ва Саъд ибни Муъоз, ва Муъоз ибни Ҷабал, ва Убай ибни Каъб, ва Убода ибни Сомит, ва Амр ибни Ҷамуҳ, ва Усайд ибни Ҳузайр ,ва Анас ибни Молик, ва Ҷобир ибни Абдуллоҳ, ва Зайд ибни Собит ***(Разия аллоҳу ъанҳум)***, ва дигарҳо нестанд?. Бубинед Худованд боз дар давоми ин оят чи мегуяд:

قَالَ تَعَالَى: ﴿وَٱلَّذِينَ جَآءُو مِنۢ بَعۡدِهِمۡ يَقُولُونَ رَبَّنَا ٱغۡفِرۡ لَنَا وَلِإِخۡوَٰنِنَا ٱلَّذِينَ سَبَقُونَا بِٱلۡإِيمَٰنِ وَلَا تَجۡعَلۡ فِي قُلُوبِنَا غِلّٗا لِّلَّذِينَ ءَامَنُواْ رَبَّنَآ إِنَّكَ رَءُوفٞ رَّحِيمٌ ١٠﴾ الحشر: ١٠

***«Касоне, ки аз паси онҳо омадаанд, мегӯянд: «Эй Парвардигори мо, мову бародарони моро, ки пеш аз мо имон овардаанд, мағфират кун ва кинаи касонеро, ки имон овардаанд, дар дили мо ҷой мадеҳ. Эй Парвардигори мо, ту мушфиқу меҳрубон ҳастӣ!»***

**Бародарону хоҳарони азиз!** худи шумо ҳукм кунед, оё мо аз ин гуруҳе, ки Худованд дар ин оят зикр кардааст ҳастем? Ҷавоб инаст ки бале, агар мо он суханеро бигуем, ки Худованд моро дар ин оят амр кардааст ***(парвардигоро мағфират кун моро ва бародарони мо ки пеш аз мо имон овардаанд,ва дар дилҳоӣ мо нисбат ба онҳо ҳеҷ кинаву бадбиние нагузор.)***

Мегуям субҳоналлоҳ!! боз субҳоналлоҳ!! чигуна дилҳои касоне, ки ҳарруз аз минбарҳову наворҳо лаънати муҳоҷирину ансорро мешунаванд, ва дар китобҳо лаънати муҳоҷирину ансорро мехонанд, аз буғзу кина нисбати муҳоҷирину Ансор холи бошад .

**Бародарону хоҳарони азиз!** Оё шумо низ мисли уламоятон ба асҳоби Пайғамбар ***(саллаллоҳу ъалайҳи васалам)*** лаънат мефиристед?
Оё нисбат ба онҳо дар дилҳоятон бадбини доред?
Оё маъқул аст, ки онҳоеро, ки Худованд, дар китобаш бо неки ёд кунаду, боз ҳамин бо неки ёд шудагони Худованд, муртад шуда, аз дине ки ба хотири нусрати у ҷонҳову молҳои худро фидо карданд, руй гардонанд?
Оё ин эътиқод таъна задан дар зоти Худованде, ки ояндаву гузаштаву ғайбро медонад нест?.
Чуноне ки дар китоби Кофи, ки ин яке аз муътабарта- рин китобҳои мазҳаби шиъа мебошад, омадааст ки **(Мардум ҳама баъд аз пайғамбар *(саллаллоҳу ъалайҳи васалам)* муртад шуданд, магар се нафар, аз Боқир пурсида шуд, ки ин се нафар киҳо мебошанд, у дар ҷавоб гуфт: Абузару Салмону Миқдод).**

**Бародарону хоҳарони азиз!** Оё маъқул аст ки саҳобаҳое ки Пайғамбар ***(саллаллоҳу ъалайҳи васалам)*** ро тули бисту сесол сол ҳамроҳи карданд, мисли Абубакру Умару Усмону Талҳаву Зубайру Абуубайда ва Саъд ***(Разия аллоҳу ъанҳум)*** ва дигарон чизе аз тарбияти Пайғамбар ***(саллаллоҳу ъалайҳи васалам)*** баҳра набурда бошанд? оё маъқул аст ки тамоми умрашонро фидои ислом карданду Пайғамбар ***(саллаллоҳу ъалайҳи васалам)*** ро дар тамоми сахтиҳову мушкилиҳо ҳамроҳи карданду ҷонҳову молҳову

занону фарзандону падарону модарони худро фидои Пайғамбар ***(саллаллоҳу ъалайҳи васалам)*** карданду, вале ба муҷаради аз дунё гузаштани Пайғамбар ***(саллаллоҳу ъалайҳи васалам)*** ҳамаги ба хотири дунё кофиру муртад шуда бошанд? Оё ақли шумо инро қабул дорад?

Агар ба хотири молу мулк муртаду кофир шуда бошанд, пас куҷост он моле ки онҳо ҷамъовари карданд?

Куҷост он қасрҳое ки онҳо аз пулу молашон сохтанд? Оё медонед ки Умар ***(Разия аллоҳу ъанҳу)*** ки дувоздаҳ сол халифаи мусалмонон буд, аз дунё дар ҳоле гузашт ки қарздор буд? куҷост он пулу моле ки дар хилофаташ ҷамъовари карда буд?

**Бародарону хоҳарони азиз!**

Хуб фикр кунед, ба ёд оред он ҷиҳоду ҷонбозиҳояшонро ҳамроҳи Пайғамбар, ***(саллаллоҳу ъалайҳи васалам)*** ба хотири исломи азиз, биёед ба ин сухани Худо таваҷуҳ кунем

قَالَ تَعَالَى: ﴿ هُوَ ٱلَّذِى بَعَثَ فِى ٱلْأُمِّيِّـۧنَ رَسُولًا مِّنْهُمْ يَتْلُواْ عَلَيْهِمْ ءَايَٰتِهِۦ وَيُزَكِّيهِمْ وَيُعَلِّمُهُمُ ٱلْكِتَٰبَ وَٱلْحِكْمَةَ وَإِن كَانُواْ مِن قَبْلُ لَفِى ضَلَٰلٍ مُّبِينٍ ﴿٢﴾ ﴾ الجمعة: ٢

***«Ӯст Худое, ки ба миёни мардуме бесавод паёмбаре аз худашон фиристод, то оёташро бар онҳо бихонад ва онҳоро покиза созад ва китобу ҳикматашон биёмузад. Агарчи пеш аз он дар гумроҳии ошкор буданд»***

Шумо ба ин калимаи оят хуб аҳамият диҳед мегуяд *(ва юзаккиҳим)* яъне онҳоро покиза мегардонад. Пас оё Худованд онҳоро покиза гардонд ё на?
Таъна дар саҳобагон, агар хоҳед, нахоҳед, ин таъна дар шахсияти Пайғамбар ***(саллаллоҳу ъалайҳи васалам)*** ба ҳисоб меравад, балки таъна дар зоти Худованд ҳам ба ҳисоб меравад.

**Бародарону хоҳарони азиз!** Барои душманони ислом, аз ҳама майдоне, ки дар ислом таъна задан барояшон осон аст, ана ҳамин майдон мебошад, онҳо мегуянд, ислом мисли рангест ки дар руи варақҳо навишта шуда, ва ҳеҷ мумкин нест, ки уро дар зиндаги татбиқ кард, чунки агар худи Муҳаммад натавонист атрофиёнашро тарбият кунад, ва аз тарбияти онҳо оҷиз монд, ва ба муҷарради аз дунё гузаштанаш ҳамаги аз динаш руй гардониданд, пас дигар кист, ки ин корро карда тавонад агар соҳиби ин дин, ки натавонист аз ҳама наздикони худро тарбият кунад, пас кист ки имруз ин корро карда метавонад.
Аз ин маълум мешавад, ки агар ин дин аз назди Худо мешуд, пас набояд пайравонаш ҳама бо як ҷояги, магар се ё чаҳор нафар ин динро тарк мегуфтанд.
**Бародарону хоҳарони азиз!**
Оё Худованд дар ҳақи саҳобагон рузи ҷанги Бадр нагуфта буд?

قَالَ تَعَالَىٰ: ﴿ إِذۡ يُغَشِّيكُمُ ٱلنُّعَاسَ أَمَنَةٗ مِّنۡهُ وَيُنَزِّلُ عَلَيۡكُم مِّنَ ٱلسَّمَآءِ مَآءٗ لِّيُطَهِّرَكُم بِهِۦ
وَيُذۡهِبَ عَنكُمۡ رِجۡزَ ٱلشَّيۡطَٰنِ وَلِيَرۡبِطَ عَلَىٰ قُلُوبِكُمۡ وَيُثَبِّتَ بِهِ ٱلۡأَقۡدَامَ ١١ ﴾ الأنفال: ١١

*«Ва ба ёд ор он гоҳро, ки Худо чунон эминиатон дода буд, ки хобе сабук шуморо фурӯ гирифт ва аз осмон бароятон бороне борид, то шустушӯятон диҳад ва васвасаи шайтонро аз шумо дур кунад ва дилҳоятонро қавӣ гардонад ва қадамҳоятонро устувор созад».*

Ба маънои *(татҳир)* яъне покизаги ва дур шудани палиди хуб тавҷуҳ кунед.

Биёед ба оятҳое назар андозем? Ки Худованд дар бораи ҷанги Аҳзоб нозил карда буд, дар ин оятҳо Худованд мавқифи мунофиқон ва мавқифи муъминонро ошкоро ва бо таври возеҳ баён кардааст.

Дар аввал Худованд ҷанги Аҳзобро ба мо чунин нишон медиҳад.

قَالَ تَعَالَى: ﴿ يَٰٓأَيُّهَا ٱلَّذِينَ ءَامَنُواْ ٱذۡكُرُواْ نِعۡمَةَ ٱللَّهِ عَلَيۡكُمۡ إِذۡ جَآءَتۡكُمۡ جُنُودٞ فَأَرۡسَلۡنَا عَلَيۡهِمۡ رِيحٗا وَجُنُودٗا
لَّمۡ تَرَوۡهَاۚ وَكَانَ ٱللَّهُ بِمَا تَعۡمَلُونَ بَصِيرًا ٩ إِذۡ جَآءُوكُم مِّن فَوۡقِكُمۡ وَمِنۡ أَسۡفَلَ مِنكُمۡ وَإِذۡ زَاغَتِ
ٱلۡأَبۡصَٰرُ وَبَلَغَتِ ٱلۡقُلُوبُ ٱلۡحَنَاجِرَ وَتَظُنُّونَ بِٱللَّهِ ٱلظُّنُونَا۠ ١٠ هُنَالِكَ ٱبۡتُلِيَ ٱلۡمُؤۡمِنُونَ وَزُلۡزِلُواْ
زِلۡزَالٗا شَدِيدٗا ١١ ﴾ الأحزاب: ٩ - ١١

*«Эй касоне, ки имон овардаед, аз неъмате, ки Худо ба шумо додааст, ёд кунед, ба он ҳангом, ки лашкарҳо бар сари шумо ҳуҷум карданд ва мо бодро ва лашкарҳоеро, ки намедидед, бар сарашон фиристодем ва Худо ба он чӣ мекардед, бино буд!*
*Он гоҳ ки аз самти боло ва аз самти поин бар шумо тохтанд, чашмҳо хира шуд ва дилҳо ба гулӯ расида буд ва ба Худо гумонҳои гуногун мебурдед.*

***Дар он ҷо мӯъминон имтиҳон карда шуданд ва сахт такон хӯрданд!».***

Дар бораи мунофиқон дар ин ҷанг чунин гуфт:

قَالَ تَعَالَى: ﴿ وَإِذْ يَقُولُ ٱلْمُنَٰفِقُونَ وَٱلَّذِينَ فِى قُلُوبِهِم مَّرَضٌ مَّا وَعَدَنَا ٱللَّهُ وَرَسُولُهُۥٓ إِلَّا غُرُورًا ﴿١٢﴾ ﴾ الأحزاب: ١٢

***«Зеро мунофиқон ва онҳое, ки дар дилҳояшон беморист мегуфтанд: «Худо ва паёмбараш ғайри фиреб ба мо ваъдае надодаанд!».***

Дар бораи муъминон яъне муҳоҷирину ансор чунин гуфт:

قَالَ تَعَالَى: ﴿ وَلَمَّا رَءَا ٱلْمُؤْمِنُونَ ٱلْأَحْزَابَ قَالُوا۟ هَٰذَا مَا وَعَدَنَا ٱللَّهُ وَرَسُولُهُۥ وَصَدَقَ ٱللَّهُ وَرَسُولُهُۥ ۚ وَمَا زَادَهُمْ إِلَّآ إِيمَٰنًا وَتَسْلِيمًا ﴿٢٢﴾ مِّنَ ٱلْمُؤْمِنِينَ رِجَالٌ صَدَقُوا۟ مَا عَٰهَدُوا۟ ٱللَّهَ عَلَيْهِ ۖ فَمِنْهُم مَّن قَضَىٰ نَحْبَهُۥ وَمِنْهُم مَّن يَنتَظِرُ ۖ وَمَا بَدَّلُوا۟ تَبْدِيلًا ﴿٢٣﴾ ﴾ الأحزاب: ٢٢ – ٢٣

***«Ва чун мӯъминон он гурӯҳҳоро диданд, гуфтанд: Ин ҳамон чизест, ки Худо ва паёмбараш ба мо ваъда додаанд ва Худову паёмбараш рост гуфтаанд». Ва имон ва таслимашон зоид шуд.***

***Аз мӯъминон мардоне ҳастанд, ки ба паймоне, ки ба Худо баста буданд, вафо карданд. Баъзе бар сари паймони худ ҷон бохтанд ва баъзе чашм ба роҳанд ва ҳеҷ паймони худ дигаргун накардаанд».***

Бубинед Худованд мегуяд:

وَمَا بَدَّلُوا۟ تَبْدِيلًا

Яъне чизеро дигаргун накарданд, чизеро тағйир надоданд, аммо уламои шиъа бошанд мегуянд: на балки дигаргун карданд, тағйӣр доданд, мегуянд ки оятҳои Қуронро дигаргун карданду тағйӣр доданд,

акнун киро бовар кунем Худовандро бовар кунем ё уламои шиъаро.

Ин чунин Худованд дар бораи ҷанги Табук, ки соли нуҳуми ҳиҷри руй дода буд, мефармояд:

قَالَ تَعَالَى: ﴿ لَّقَد تَّابَ ٱللَّهُ عَلَى ٱلنَّبِيِّ وَٱلۡمُهَٰجِرِينَ وَٱلۡأَنصَارِ ٱلَّذِينَ ٱتَّبَعُوهُ فِي سَاعَةِ ٱلۡعُسۡرَةِ مِنۢ بَعۡدِ مَا كَادَ يَزِيغُ قُلُوبُ فَرِيقٖ مِّنۡهُمۡ ثُمَّ تَابَ عَلَيۡهِمۡۚ إِنَّهُۥ بِهِمۡ رَءُوفٞ رَّحِيمٞ ١١٧ ﴾ التوبة: ١١٧

***«Худо тавбаи паёмбару муҳоҷирин ва ансорро, ки дар он соати ъусрат ҳамроҳи Ӯ буданд, аз он пас, ки наздик буд, ки гурӯҳеро дил аз ҷанг бигардад, пазируфт. Тавбаашон пазируфт, зеро ба онҳо раъуфу (мушфиқу) меҳрубон аст!».***

Шуморо ба он Худое ки шуморо халқ кардааст қасам медиҳам, каме фикр кунед, каме андеша кунед, он саҳобаҳое, ки ба Пайғамбар ***(саллаллоҳу ъалайҳи васалам)*** имон оварданд, дар ҳоле ки мардум уро дуруғгу гуфтанд, аз у дифоъ карданд, дар ҳоле ки мардум бар зиди у ҷанг карданд, тамоми азиятҳову азобҳоро ба хотири у чашиданд, ва ҷонҳои худро дар кафҳои даст гирифта ба хотири дифоъ аз у ва дини у бар зиди бузургтарин императорҳои ҷаҳони, мисли Қайсару Кисро ва дигарҳо ҷангиданд, оё маъқул аст, ки он дине ки ба хотири у онқадар ҷонбозиҳо карданду уро пируз гардониданд, ба муҷаради аз дунё гузаштани Пайғамбар ***(саллаллоҳу ъалайҳи васалам)***, аз ин дин руй гардонида ба ҳазрати Али ***(Разия аллоҳу ъанҳу)*** хиёнат карда, дасти байъат ба ҳазрати Абубакр ***(Разия аллоҳу ъанҳу)*** дода бошанд,

кадом ақл инро қабул мекунад? Шуморо ба Худо қасам, чи чиз онҳоро маҷбур сохт ки диношонро ба дунёяшон бифурушанд, оё Абубакр моле дошт, ки ба онҳо ваъда карда буд? Ё соҳиби қабилаи бузурге буд ки онҳоро маҷбур кард ки ба Абубакр ***(Разия аллоҳу ъанҳу)*** байъат кунанд? Албатта ҳаргиз не, Абубакр ***(Разия аллоҳу ъанҳу)*** на моле дошт ки онҳоро ба мол мағрур кунад, ва на қабилаи бузургу қавие дошт, ки онҳоро битарсонад, ё маҷбур кунад ки ба у байъат кунанд, балки байъати онҳо ба Абубакр ***(Разия аллоҳу ъанҳу)*** ба хотири он буд, ки онҳо Абубакр ***(Разия аллоҳу ъанҳу)*** ро, баъд аз Пайғамбар ***(саллаллоҳу ъалайҳи васалам)***, беҳтарини ин уммат мешумориданд. Ин як муқадимае буд дар баён кардани манзилати саҳобаҳо, акнун биёед бубинем ки уламои бузурги шиъа, дар бораи саҳобаҳо чи мегуянд:

Неъматуллоҳи Ҷазоири яке аз уламои бузурги шиъа мегуяд: **Аксари саҳобаҳо дар замони Пайғамбар** ***(саллаллоҳу ъалайҳи васалам)*** **мунофиқ буданд локин онҳо нифоқашонро пинҳон медоштанд, ва вақто ки Пайғамбар** ***(саллаллоҳу ъалайҳи васалам)*** **аз дунё гузашт мунофиқияшонро ошкор карда бар болои васиятшудагон, яъне ҳазрати Али ва фарзандонаш, инқилоб карда, аз диношон руй гардониданд.**

Ин сухан дар китоби (Анвор Ан Нуъмония ҷилди якум саҳифаи 81 мебошад).

Ва дигар олими бузургашон ба номи Маҷлиси мегуяд: **Барои инсони оқил ҳеҷ шаке дар кофир будани Умар нест, лаънати Худо ва пайғамбараш**

**бар у, ва бар ҳар касе ки уро мусулмон мегуяд,** (яъне Ҳазрати Умарро) **ва лаъннати Худову пайғамбараш бар касе ки аз лаънат кардани Умар дасткаши мекунад.** ин сухан дар китоби (Ҷало- ул-ъуюн саҳифаӣ 45 мебошад).

Ва ҳамчунин ҳамин олим, дар китоби (Зиёу солиҳин саҳифаӣ 513), мегуяд: **Ҳар касе ки ҳар пагоҳи Абубакру Умарро лаънат гуяд дар номаи аъмоли у то бегоҳ гуноҳе нависонда намешавад, ва агар бегоҳ боз як бори дигар лаънат бар Абубакру Умар гуяд, то субҳ дар номаӣ аъмоли у гуноҳе нависонда намешавад.**

Ин чунин дигар олими бузурги шиъа дар китоби (Ла олил ахбор дар ҷилди чорум саҳифаӣ 92) мегуяд: **Бидон ки беҳтарин вақт ва беҳтарин макон ва ҳолат, барои лаънат фиристодан бар онҳо (яъне саҳобагон) ҳолати пешоб карданаст (наъузу биллоҳ)** мегуяд: **ҳарвақто ки пешоб мекуни ва худро аз он пок месози бигу парвардигоро лаънат кун Умарро сипас Абубакрро ва Умарро сипас Усмонро, ва Умарро сипас Ойшаро, ва Умарро сипас Муовияро..**

**Бародарону хоҳарони азиз**! Оё ин дин аст ?

Оё ин динест ки шумо уро пайрави мекунед?

Оё аз яҳудиҳо ва насрониҳо чунин суханҳоро шунидаед?

Ба он Худое ки якка ва ягона аст қасам мехурам ки, аз яҳуду насрониҳо чунин суханҳо нашунидаем ва дар китобҳояшон низ надидаем.

Ин Хумайни аст ки мегуяд: **Абубакру Умар мисли ҷоҳилону аҳмақону, ҷавру зулм, кунандагоне ҳастанд ки лаёқати имоматро надоранд.**

Ва инчунин мегуяд: **Дар воқеъ онҳо яъне** (Абубакру Умар) **ҳақи Пайғамбар** ***(саллаллоҳу ъалайҳи васалам)*** **ро ба ҷо наоварданд мегуяд: ҳамон расуле ки бахотири онҳо чиқадар машақатҳо кашида буд чашмҳояшро мепушиду аммо суханҳои куфрию зиндиқии Умар ибни Хаттоб дар гушҳояш буд.**

**Бародарону хоҳарони азиз!** Оё қасидаи Ёсини Саввофро шунидаед? Қасидае ки рузи кушта шудани ҳазрати Умарро пешвоз мегиранду уро месароянд, онҳо рузи кушта шудани ҳазрати Умарро пешвоз гирифта ин қасидаро мехонанд.

**Эй рафиқи ман бедор шав имруз иди Фотима аст иди хурсанди аст рузи шикофтани шиками Умар аст.**

**Имруз рузест ки садои марги иблиси мутакаббир дар миёни гумроҳони инсу ҷин баланд шудааст.**

**Имруз рузест ки сарвари фосиқон мурдааст роҳбари шаётини инсу ҷин мурдааст.**

**Эй Фируз** (яъне кушандаи ҳазрати Умарро нидо мекунад) **Эй Фируз ! Дастҳои ту дардро набинад дастҳои ту шал нашаванд ту бешаку шубҳа касеро куштаи ки хиёнат карда буд муборак бод бар ту пирузи.**

**Касе мисли Абубакр ҷавру зулму душманиро накарда буд, касе мисли Умар зулм накарда буд.**

**Аз Худованд умедворам ки дар насиби ман бигардонад, ки ин ду лаъинро (яъне Абубакру Умарро дар назар дорад) бо ду чашми зиндаам бубинам, ки онҳо дар пояҳои дарахти хурмо овезанду онҳоро оташ зананд ва мо шаке надорем ки чунин руз ба сари онҳо меояд.**

**Бародарони азиз**! ин буд қасидае ки аз китоби (Ақди дурар фи бакри батни Умар) барои шумо пешкаш кардам.

**Бародарону хоҳарони азиз!** Оё медонед ки Абулуълуъа кист? Абулуълуъа ҳамон маҷусие ҳаст ки ҳазрати Умарро кушта буд, ва имрузҳо қабри ин маҷусиро дар шаҳри Кошони Ирон шиъаҳо зиёрат мекунанду дар ҳақаш дуои нек мекунанд.

Ғурайфи соҳиби ин қасидае ки ба шумо хондем дар муқадимаи ҳамин китобаш Ақди дурар мегуяд: **Кушандаи халифаи дувум Абулуълуъаи Фируз мебошад ва агарчи ин шахс дар кадом мазҳабу дине ки набошад мустаҳиқи раҳмати Худост чунки у ба хотири шикофтани шиками Умар ва куштани у дуои хайри Фотимаи Заҳроро аз худ кардааст, бароӣ ҳамин бояд қабри уро зиёрат кард,ва дар ҳақаш дуоҳоӣ хайр кард бахотири он коре ки у кард.**

Ногуфта намонад ки қабри аслии у дар Мадинаи Мунавара буд локин соҳиби ин китоб мегуяд гуё ки ҳазрати Али ***(Разия аллоҳу ъанҳу)*** қабри уро партоб кард то ки ба шаҳри Кошони Ирон расид.

Ва ин чунин дар бораи қабри ин маҷуси афсонаҳои зиёд аст.
Карки яке аз олимони бузурги дигари шиъа мегуяд: **Ҳар касе ки дар дилаш бо Усмон душмани надошта бошад ва ирзу номуси уро ҳалол надонад ва уро кофир нашуморад, пас у душмани Худову пайғамбари уст.** (ин сухан дар китоби Нафахоти Лоҳут дар тарҷумаи ҳазрати Усмон омадааст.)
Ин чунин аз дашному бадгуи инҳо (яъне олимони шиъа) модарони муъминон занони Пайғамбар ***(саллаллоҳу ъалайҳи васалам)*** низ бенасиб намонданд.
Оятуллоҳ Қумми яке аз бузургтарин олими шиъа дар тафсири ин оят мефармояд:

قَالَ تَعَالَى: ﴿ ضَرَبَ ٱللَّهُ مَثَلًا لِّلَّذِينَ كَفَرُوا۟ ٱمْرَأَتَ نُوحٍ وَٱمْرَأَتَ لُوطٍ ۖ كَانَتَا تَحْتَ عَبْدَيْنِ مِنْ عِبَادِنَا صَٰلِحَيْنِ فَخَانَتَاهُمَا فَلَمْ يُغْنِيَا عَنْهُمَا مِنَ ٱللَّهِ شَيْـًٔا وَقِيلَ ٱدْخُلَا ٱلنَّارَ مَعَ ٱلدَّٰخِلِينَ ﴿١٠﴾ ﴾ التحريم: ١٠

***«Худо барои кофирон мисоли зани Нӯҳу зани Лутро меоварад, ки ҳар ду дар никоҳи ду тан аз бандагони солеҳи Мо буданд ва ба он ду хиёнат карданд, Ва онҳо натавонистанд аз занони худ дафъи азоб кунанд ва гуфта шуд: «Бо дигарон ба оташ дароед!».***
Мегуяд мақсади Худованд дар ин суханаш

فَخَانَتَاهُمَا

Яъне мақсад аз суханаш (хиёнаташон карданд) фоҳишаро дар назар дорад, ва мақсадаш аз фоҳиша (ҳазрати Ойшаро мегуяд) ва ин чунин дар давоми

суханаш мегуяд: **барои ҳамин бе шаку шубҳа ба Ойша ҳад зада мешавад** (яъне ҳадди зино), **вақто ки у ба суи Басра меомад, Талҳа яке аз саҳобаҳо, уро дуст медошт, вақто ки ҳазрати Ойша мехост, ки ба сафари Басра барояд, ба у гуфтанд, ки барои ту баромадан, бидуни маҳрам ҷоиз нест, у Талҳаро ки дуст медошт худашро ба никоҳи у даровард, то ки Талҳа маҳрами у шавад.**

**Бародарону хоҳарони азиз!**

Оё касе ки чунин суханҳоро мегуяд, пайғамбару аҳли байташро дуст медорад? Оё дашному туҳмат кардани занони Пайғамбар ***(саллаллоҳу ъалайҳи васалам)*** аз нишонаҳои дустдории уст?

Раҷаби Бурси дигар олими шиъа мегуяд: **Ойша аз фоҳишагию хиёнат, чиҳил динор ҷамъовари карда буд ,ва ба онҳое ки бо ҳазрати Али душман буданд тақсим карда буд.** ин сухан дар китоби (Машориқул анвор саҳифаи 86 мебошад).

**Бубинед, бародарону хоҳарони азиз!** Инҳо занону домодону хусурони Пайғамбар ***(саллаллоҳу ъалайҳи васалам)***-ро, бо бадтарин дашномҳо дашном медиҳанду, бадгуи мекунанд, пас оё маъқул аст, ки онҳо аз дигар тараф пайғамбар ***(саллаллоҳу ъалайҳи васалам)***-ро бо аҳли байташ дуст бидоранд, оё дашному туҳмат кардани зани шахсе далолат ба дустдории у мекунад?

Имом Абузуръаи Рози яке аз имомони бузурги аҳли суннат дар асри сеюми ҳиҷри зиндаги мекард мегуяд:

**Агар диди, ки касе таъна дар саҳобаҳои Пайғамбар *(саллаллоҳу ъалайҳи васалам)* мезанад, бидон ки у зиндиқ аст, чун ки қурон дар назди мо ҳақ аст ва суннати Пайғамбар *(саллаллоҳу ъалайҳи васалам)* дар назди мо ҳақаст ва нақл кунандагони қурону суннат саҳобаҳои Пайғамбар *(саллаллоҳу ъалайҳи васалам)* мебошанд, ва онҳое ки таъна дар саҳобаҳоӣ Пайғамбар *(саллаллоҳу ъалайҳи васалам)* мезананд, мехоҳанд ба нақл кунандагони қурону суннат таъначо ворид кунанд, то ки ба мардум бигуянд, ки бубинед агар нақлкунандаҳои қурону суннат чунин бошанд, яъне кофиру мунофиқ, пас чигуна қурону сунат бидуни ноқисию таҳриф ба мо расидааст?**

Аз суханони ин олими ҷалили сунни, чунин фаҳмида мешавад ки мақсад аз таъна дар саҳобагон танҳо ин нест ки қадру қимати онҳоро пас зананд, балки мақсади асосияшон таъна ворид кардан дар ин дини азиз мебошад, онҳо бо ин таънаҳояшон мехоҳанд, мардум чунин фикр кунанд, ки агар ҳоли нақлкунандагони дин нифоқу душманию куфр бошад, пас ҳоли ин дин чи бошад.

**Бародарону хоҳарони азиз!**

Ман ба хотири он чунин суханҳоро мегуям, ки бовари дорам ки шахсиятҳое ҳастанд ки мехоҳанд, ҳақиқатро пайдо кунанд ва умед дорам ки иншоолоҳ баъд аз шунидани ҳамаи ин ҳақоиқ аз паи ҷустуҷу ва пайдо кардани ҳақ мешаванд.

**Бародарону хоҳарони азиз!** Каме фикр кунед, шуморо ба куҷо бурда истодаанд.

Онҳоеро ки Худованд дар қуронаш бо сифатҳои нек ёд мекунад ва Пайғамбар ***(саллаллоҳу ъалайҳи васалам)*** онҳоро дар ҳадисҳояш бо сифатҳои нек ёд мекунад, ва аҳли байт онҳоро бо суханҳои нек ёд мекунанд, ва бо он ҷиҳодҳое ки бо Пайғамбар ***(саллаллоҳу ъалайҳи васалам)*** карданд, ва бо муртаддон ҷангиданд, барои ислом ҷонҳову молҳои худро дареғ надоштанд, ва чандин шаҳрҳоро фатҳ карданд, мардумро ба ислом даъват карданд, Пайғамбар ***(саллаллоҳу ъалайҳи васалам)*** ва аҳли байташ аз онҳо зан гирифтанд, ва ба онҳо зан доданд, мусулмону кофир аз фазлу бузургии онҳо сухан гуфтанд.

Оё ҳамаи ин фазлу бузургиро яксу гузошта дар дашному туҳмат кардан, пайравии суханони Маҷлиси ва Ҷазоирию Табраси ва Хумайнию дигаронро кунем? Ин олимони шиъа аз касоне ки қуронро муҳарраф мегуянд, тарафдори мекунанд, ва аз он кору кирдоре ки муғулҳо бар зиди мусулмонон карда буданд тарафдори мекунанд.

**Бародари шиъаи ман!** Оё қабул дори ки дар замони хилофати ҳазрати Умар қози боши?

Оё рози ҳасти ки духтаратро ба зании ҳазрати Умар бидиҳи?

Оё рози ҳасти ки фарзандҳоятро Абубакру Умар ном гузори? Оё медони ки ҳамаи ин корҳоро ҳазрати Али карда буд?

Оё медони ки ҳазрати Али дар замони ҳазрати Умар қози буд?
Оё медони ки ҳазрати Али духтараш умми Кулсумро ба зании ҳазрати Умар дода буд? Фарзандонашро Абубакру Умар номгузори карда буд.
Оё чигунае ки саҳобаҳоро дашном медиҳед, аз ҷумла Абубакру Умарро, мисли ҳамин дашномҳо, Фиръавну Ҳомонро чунин дашном додаед?
Оё Абуҷаҳлу Абулаҳабро чунин дашном додаед?
Оё медонед ки гуяндаи чунин суханҳо ҷояш поёнтарин табақаи дузах аст?
Оё шумо инро қабул доред?
Оё маъқул аст ки аз ҳама наздиктарин шахсиятҳои атрофи Пайғамбар ***(саллаллоҳу ъалайҳи васалам)*** мунофиқ бошанд?
Оё маъқул аст ки Пайғамбар ***(саллаллоҳу ъалайҳи васалам)*** аз мунофиқон зан бигирад? Ва ба онҳо духтар бидиҳад?
Оё маъқул аст ки Пайғамбар ***(саллаллоҳу ъалайҳи васалам)*** аз тарси мушрикон пинҳон шуда ҳиҷрат кунаду боз ҳамроҳаш бо гуфти шумо раиси мунофиқон Абубакр ***(Разия аллоҳу ъанҳу)*** ро бигирад?
Оё инсони оқил инро қабул дорад?
Чихел мо ин корро дар шаъни Пайғамбар ***(саллаллоҳу ъалайҳи васалам)*** қабул кунем? Оё агар Абубакр мунофиқ мебуд наметавонист ки аз ҷои пинҳоншавии Пайғамбар ***(саллаллоҳу ъалайҳи васалам)*** ба мушрикон хабар диҳад?

Оё аз ин сухани Худо хабар доред?

قَالَ تَعَالَى: ﴿ إِلَّا تَنصُرُوهُ فَقَدْ نَصَرَهُ ٱللَّهُ إِذْ أَخْرَجَهُ ٱلَّذِينَ كَفَرُواْ ثَانِيَ ٱثْنَيْنِ إِذْ هُمَا فِي ٱلْغَارِ إِذْ يَقُولُ لِصَٰحِبِهِۦ لَا تَحْزَنْ إِنَّ ٱللَّهَ مَعَنَا ﴿٤٠﴾ ﴾ التوبة: ٤٠

***«Агар шумо ёриаш накунед, он гоҳ, ки кофирон берунаш карданд, Худо ёриаш кард. Яке аз он ду ба ҳангоме, ки дар ғор буданд, ба рафиқаш мегуфт: «Андӯҳгин мабош, Худо бо мост!» Худо ба дилаш оромиш бахшид ва бо лашкарҳое, ки шумо онро намедидед, қувваташ дод. Ва каломи кофиронро паст гардонид, зеро каломи Худо болост ва Худо пирӯзманду ҳаким аст!».***

Ва дар охир гуфтаниям? Ки биёед ин сухани Худоро бихонему, такрор кунем, ва маънои уро бифаҳмем:

قَالَ تَعَالَى: ﴿ وَٱلسَّٰبِقُونَ ٱلْأَوَّلُونَ مِنَ ٱلْمُهَٰجِرِينَ وَٱلْأَنصَارِ وَٱلَّذِينَ ٱتَّبَعُوهُم بِإِحْسَٰنٍ رَّضِيَ ٱللَّهُ عَنْهُمْ وَرَضُواْ عَنْهُ وَأَعَدَّ لَهُمْ جَنَّٰتٍ تَجْرِي تَحْتَهَا ٱلْأَنْهَٰرُ خَٰلِدِينَ فِيهَآ أَبَدًاۚ ذَٰلِكَ ٱلْفَوْزُ ٱلْعَظِيمُ ﴿١٠٠﴾ ﴾ التوبة: ١٠٠

***«Аз он гурӯҳи нахустин аз муҳоҷирон ва аҳли Мадина, ки пешқадам шуданд ва онон, ки ба некӣ аз паяшон рафтанд, Худо хушнуд аст ва онҳо низ аз Худо хушнуданд. Бароящон биҳиштҳое, ки дар онҳо наҳрҳо ҷорист ва ҳамеша дар он ҷо хоҳанд буд, омода кардааст. Ин аст комёбии бузург!».***

Бубинед Худованд мегуяд

وَٱلسَّٰبِقُونَ ٱلْأَوَّلُونَ مِنَ ٱلْمُهَٰجِرِينَ وَٱلْأَنصَارِ

Яъне (***аввалинҳое ки дар имон овари сабқат карданд аз муҳоҷирону ансор***).

Дар инҷо Худованд касеро аз муҳоҷирону ансор ҷудо накардааст ва нагуфтааст ки ман рози ҳастам аз муҳоҷирину ансор вале ба ғайр аз фалониҳо, сипас дар давоми оят мегуяд:

وَٱلَّذِينَ ٱتَّبَعُوهُم

Яъне *(ва онҳое ки аз саҳобаҳо пайрави мекунанд)*, вале ин пайравиро Худованд ба ин марбут кардааст ки бояд пайравияшон бо неки бошад, аммо дар худи саҳобаҳо барои қабули аъмолашон чизеро шарт нагузоштааст ин ҳам ба хотири онаст ки роҳе ки онҳо ихтиёр кардаанд дар ибодати Худованд аз гуфтаи Худованд заррае берун нест, фақат Худованд моро амр кардааст, ки дар ибодатҳоямон, бояд аз онҳо пайрави кунем.

Шайх Аттор мефармояд:

**Уммати Удустдори ваем**
**Дустдори чаҳор ёри ваем**
**Чун Абубакру Умару Усмон**
**Муртазо дон алайҳи резвон**
**Раҳмати ҳақ нисори ёронаш**
**Бод бар ҷумлаи дустдоронаш**
**(аз мутарҷим)**

## Имомат

Масъалаи имомат, дар назди шиъаҳо яке аз масъалаҳои бузургу муҳимест, балки уро ба дараҷае бузург мешуморанд, ки яке аз шартҳои имон ва асле аз усулҳои динаш меҳисобанд, ва ҳар касе ки ба

имомат имон надошта бошад, уро аз ислом хориҷ медонанд.

Муҳаммад Ризои Музаффар, яке аз уламои шиъа дар китобаш (Ақоидул имомия саҳифаӣ 102) мегуяд: **Имомат асле аз усули дин мебошад**.

Ва дигар олими бузурги шиъа, ба номи Муфид, дар китоби (Авоилул мақолот с 44) мегуяд: **Шиъаҳои имомия** (яъне 12 имома) **итифоқ кардаанд, ки ҳар касе, ки имомати яке аз имомони дувоздаҳгонаро инкор кунад, ва он чи ки Худованд фарз гардонидааст, аз тоъати онон, дидаву дониста инкор кунад, у кофир аст, ва мустаҳиқи то абад дар оташи дузах сухтан мебошад (суханаш тамом шуд).**

Пас агар манзилати имомат ин қадар бузург бошад, барои чи як бор аз худ савол намекунед, ки чаро дар Қурон, дар ин бора чизе бо таври сареҳу ошкор наомадааст?

Оё Худованд нагуфтааст ки ман Қуронро муфасал (яъне бо тафсил) нозил кардаам?

Магар Қурон барои баён кардани аҳкому ҳидояти мардум нозил нашудааст? Худованд дар қурон намозу рузаву закоту ҳаҷро зикр кардааст, аҳкоми ҷиҳоду маворису талоқу никоҳро зикр кардааст, дар Қурон тақрибан дарозтарин оят, ояти дайн (яъне ояти қарз мебошад), ва инчунин дигар чизҳои зиёдеро зикр кардааст, ки ҳукми баъзеашон ҳато мубоҳу мустаҳаб мебошад мисли шикор, локин дар ягонҷои Қурон надидаем, ки бо таври ошкору сареҳ,

дар бораи имомат чизе гуфта бошад, дар Қурон надидем, ки номҳои имомон зикр шуда бошанд.
Дар китобҳои шиъаҳо ривоятҳои зиёде ворид шудааст ки мегуянд, имомат беҳтараст аз намозу рузаву закоту ҳаҷ, пас барои чи инҳо зикр шудаанду имомат не, балки дигар чизи аҷибаш дар инаст ки дар Қурон номи ҳазрати Зайд ибни Ҳориса ***(Разия аллоҳу ъанҳу)*** зикр шудааст, ки у яке аз саҳобаҳои Пайғамбар ***(саллаллоҳу ъалайҳи васалам)*** мебошад, локин надидем ки номи яке аз имомон зикр шуда бошад.
Худованд мегуяд:

قَالَ تَعَالَى: ﴿ فَلَمَّا قَضَىٰ زَيْدٌ مِّنْهَا وَطَرًا زَوَّجْنَٰكَهَا لِكَيْ لَا يَكُونَ عَلَى ٱلْمُؤْمِنِينَ حَرَجٌ فِيٓ أَزْوَٰجِ أَدْعِيَآئِهِمْ إِذَا قَضَوْاْ مِنْهُنَّ وَطَرًا ۚ وَكَانَ أَمْرُ ٱللَّهِ مَفْعُولًا ﴿٣٧﴾ ﴾ الأحزاب: ٣٧

***«Пас чун Зайд аз ӯ ҳоҷати худ барорад, ба ҳамсарии ту даровардемаш, то мӯъминонро дар заношӯӣ бо занони фарзандхондагони худ, агар ҳоҷати худ аз ӯ бароварда бошанд, манъе набошад. Ва ҳукми Худованд шуданист!».***

**Бародарону хоҳарони азиз!** Қурон ягон чизи муҳимеро тарк накардааст, пас чигуна имоматро бо он манзилаташ тарк карда бошад?
Худованд мегуяд:

قَالَ تَعَالَى: ﴿ أَفَغَيْرَ ٱللَّهِ أَبْتَغِي حَكَمًا وَهُوَ ٱلَّذِيٓ أَنزَلَ إِلَيْكُمُ ٱلْكِتَٰبَ مُفَصَّلًا ۚ ﴿١١٤﴾ ﴾ الأنعام: ١١٤

***«Оё қозии дигаре ҷуз Худо талаб кунам ва ҳол он ки Ӯст, ки ин китоби равшанро бар шумо нозил кардааст?».***

Ва ин чунин мегуяд:

قَالَ تَعَالَى: ﴿وَنَزَّلْنَا عَلَيْكَ ٱلْكِتَـٰبَ تِبْيَـٰنًا لِّكُلِّ شَىْءٍ وَهُدًى وَرَحْمَةً وَبُشْرَىٰ لِلْمُسْلِمِينَ ﴿٨٩﴾﴾
النحل: ٨٩

**«Ва мо Қуръонро, ки баёнкунандаи ҳар чизест ва ҳидояту раҳмат ва хушхабар барои мусалмонон аст, бар ту нозил кардаем».**
Бубинед Худованд мегуяд: Қуроне ки ман нозил кардаам баён кунандаи тамоми чизаст.
Шумо дар ин калимай оят хуб таамул кунед, мегуяд ***(Тибёнал ликулли шаӣ)*** яъне чизе нест ки Қурон уро барои бандаҳои Худо баён накарда бошад.
**Бародарону хоҳарони азиз!** Пас оё маъқул аст, ки агар имомат рукн ё фарзу воҷиб бошаду на дар Қурон, ва на дар суннат, дар ин бора чизе наомада бошад? Бовар кунед, бародарону хоҳарони азиз! Онҳо бо ақлҳои шумо бози мекунанд, шумо агар Қуронро қабул дошта бошед, назар кунед ба Қурон, уро бо таамулу тадабур бихонед иншоолоҳ тамоми мушкилиҳоятон ҳал мешавад.
Хумайни дар китобаш (Кашфул асрор с 131) мегуяд: **Агарчи масъалаи имомат дар Қурон исбот ҳам шуда бошад, онҳое ки ислому Қуронро, магар ба хотири дунёи худ, ва риёсати мардум, васила қарор дода буданд, ва Қуронро ба хотири ба ҷо овардани афкори шубҳаноки худ истифода мебурданд, ва оятҳое ки барои имомат омада буданд онҳоро аз қурон бардошта ҳазф мекарданд**(мақсадаш саҳобаҳо мебошанд).

Ин ҳам суханҳои Хумайни мебошанд, ва ҷои таъаҷубаш ҳам нест, чунки ин ҳамон Хумайние аст, ки шахсе ба номи Нури Табраси, ки Қуронро муҳараф мегуяд, хеле таърифу тавсифи зиёдаш кардааст, намедонам ки оё ояте ки дар он Худованд ваъда кардааст, ки ***(ман қуронро нозил кардаам ва ман уро ҳифз мекунам)***,оё ин оятро фаромуш карда бошад, ва ё фаромуш карда бошад ки Қурон барои ҳамаи замону макон қобили истифода аст ва барои ҳама якаст.

## Номгузори

Бисёре аз шиъаҳои имруза фарзандонашонро Абдулҳусейн (яъне бандаи Ҳусейн ) ва Абдулҳасан (яъне бандаи Ҳасан) ва Абдулали (яъне бандаи Али) ва Абдулимом (яъне бандаи Имом), номгузори мекунанд.
**Бародарону хоҳарони азиз!** Оё шумо дар ягонҷо шунидаед, ё дар кадом китобе хондаед, ки шогирдони имомон фарзандонашонро чунин номгузори карда бошанд?
Оё шунидаед ё хондаед ки имом Ҳусейн, ё имом Ҳасан, ё имом Ҷаъфар, ё имом Ризо, ё дигар имомон ё шогирдонашон фарзандҳояшонро Абдулали, ё Абдумуҳаммад, номгузори карда бошанд?
Бихонед китобҳое ки дар бораи таърихи ровиёну шогирдони имомон сухан мегуянд, дар онҳо пайдо нахоҳед кард, ки касе аз шогирдони имомон ё худи онҳо фарзандҳояшонро чунин номгузори карда бошанд.

Агар гуед, ки мо чунин номгузори мекунему мақсадамон хидматгори имом аст, яъне Абдулҳусейн маънои хидматгори Ҳусейнро дорад, ман мегуям, пас чи фарқ аст миёни касе ки Абдулмасиҳ, ё Абдулуззо, ё Абдуллот мегуяд, ва касе ки Абдулҳусейн мегуяд, чи фарқ аст?
Ин кор фақат маънои онро дорад, ки мехоҳанд як бори дигар дарвозаи ширкро боз кунанду бас.

## Оё дин комил шуд

**Бародарону хоҳарони азиз!** Ман шаке надорам ки шумо ин оятро нахонда бошед.

قَالَ تَعَالَىٰ: ﴿ٱلۡيَوۡمَ أَكۡمَلۡتُ لَكُمۡ دِينَكُمۡ وَأَتۡمَمۡتُ عَلَيۡكُمۡ نِعۡمَتِي وَرَضِيتُ لَكُمُ ٱلۡإِسۡلَٰمَ ۝٣﴾

المائدة: ٣

***«Имрӯз дини шуморо ба камол расонидам ва неъмати худ бар шумо тамом кардам ва исломро дини шумо баргузидам».***

Бубинед Худованд ки соҳиби дин аст, мегуяд ман дини худро комилан ва бе ягон нуқсон барои шумо расондам, акнун дар инҷо саволе ба миён меояд, ки агар дин комилу пурра нозил шуда бошад, пас чи зарурат аст ки баъди Пайғамбар ***(саллаллоҳу ъалайҳи васалам)*** васиятшудагон (яъне имомон) вуҷуд дошта бошанд? Ба фикри шумо оё васиятшудагон ё ин ки имомон дини комилро ба мардум мерасонанд?Агар ин хел бошад пас барои расондани дин ба мардум маъсумият чи даркор аст? Балки барои расонидани дин инсони ростгуву ростқавлу амонатдор бошад кифоят мекунад ба маъсум ки эҳтиёҷе нест.

**Бародарону хоҳарони азиз!** Шумо каме дар суханони ман фикр кунед агар расонидани дин эҳтиёҷ ба маъсум дошта бошад пас фикр кунед, ки дар ин дунёи бузург бо ин кушодияш чи қадар даъватгари маъсум дар кор аст, ки динро дар тамоми нуқтаи замин нашр кунанд.

Оё маъқул аст ки дар замони Пайғамбар ***(саллаллоҳу ъалайҳи васалам)*** ба ғайр аз ҳазрати Али ***(Разия аллоҳу ъанҳу)*** касе дигаре динро ба пурраги аз худ накарда буд?Чигуна ин бо ақли ки мувофиқ меояд, оё Пайғамбар ***(саллаллоҳу ъалайҳи васалам)*** фақат ба суи ҳазрати Али ***(Разия аллоҳу ъанҳу)*** фиристода шуда буд? Ё ин ки ба суи тамоми мардуми руи ҷаҳон?Ва агар дин ба пурраги нозил нашуда бошад, ё ин ки ба пурраги ба мардум нарасида бошад, чигунае ки дар бузургтарин китобҳои шиъа омадааст, оё ин эътиқоди куфр нест? Оё дуруғ шуморидани ояти қурони нест? Оё Худованд нагуфтааст

﴿ٱلۡيَوۡمَ أَكۡمَلۡتُ لَكُمۡ دِينَكُمۡ وَأَتۡمَمۡتُ عَلَيۡكُمۡ نِعۡمَتِي وَرَضِيتُ لَكُمُ ٱلۡإِسۡلَٰمَ ٣﴾ المائدة: ٣

***«Имрӯз дини шуморо ба камол расонидам ва неъмати худ бар шумо тамом кардам ва исломро дини шумо баргузидам».***

Яъне имруз дини шуморо пурра гардондам.

Муҳаммад Ҳусейн оли Кошиф Алғито, дар китобаш (Асли шиъа ва усули у дар саҳифаӣ 77 мегуяд): Ҳикмат аз пай дар пай нозил шудани Қурон дар инаст, ки баъзе дин барои мардум баён шудааст, ва баъзеаш пинҳон шудааст, (яъне ин олими шиъа даъво дорад ки, гуё ки Пайғамбар ***(саллаллоҳу ъалайҳи васалам)***

ҳамаи динро ба мардум нарасонида бошад) боз ҳамин олими шиъа дар давоми суханаш мегуяд: Пайғамбар ***(саллаллоҳу ъалайҳи васалам)*** баъзе динро ба мардум расонид, ва баъзеашро дар назди авсиёи худ, (яъне имомон) гузошт, ва ҳар имом ё васиятшуда ин боқимондаи динро ба имоми баъдияш мерасонад, ва ҳар имом уро мувофиқи замони худ нашр мекунад.
Пас агар инхел бошад, ман мегуям эй вой бар ҳоли касоне дар асрҳои аввали ислом аз дунё гузаштанду аз боқимондаи дин хабардор нашуданд, агар Худованд, каме ба онҳо умри дароз медод, то ки имомонро медиданду боқимондаи динашонро пурра мекарданд намедонам дар пеши Худо чи ҷавоб мегуфта бошанд.

## Сулҳи имом Ҳасан бо ҳазрати Муъовия

Лашкари имом Ҳасан ***(Разия аллоҳу ъанҳу)*** аз ҳафтод ҳазор нафар зиёд буд, яъне қувату қудрате дошт, ки бо ҳазрати Муъовия ***(Разия аллоҳу ъанҳу)*** биҷангад, ва ҳато эҳтимоли зиёде ҳам дошт ки пируз шавад, локин он чизе ки инсонро дар таъаҷуб меорад онаст ки ҳазрати имом Ҳасан ***(Разия аллоҳу ъанҳу)*** бо ҳазрати Муъовия ***(Разия аллоҳу ъанҳу)*** ҷанг накарду аз хилофат барои у танозул кард, ва дасти байъат ба ҳазрати Муъовия ***(Разия аллоҳу ъанҳу)*** дода, уро ба халифагии мусалмонон шинохт.
Ва дигар чизи таъаҷубовараш инаст, ки тамоми шиъаҳо бар ин итифоқанд, ки ҳазрати Муъовия

***(Разия аллоҳу ъанҳу)*** (наъузу биллоҳ) кофир аст, ва ин чунин эътиқод доранд ки имомонашон аз ҳазрати Али ***(Разия аллоҳу ъанҳу),*** то дувоздаҳум имомашон маъсуму бегуноҳанд, дар инҷо саволе ба миён меояд, ки оё ҷоиз аст, ё мумкин аст ки имоми маъсум, имом Ҳасан ***(Разия аллоҳу ъанҳу)*** зимоми хилофати мусалмононро ба дасти як кофир бидиҳад? Оё мансаберо ки Худо барои ин имоми маъсум таъин кардааст, ҷоиз аст барои ин маъсум ки аз ин мансаби атои илоҳи руй гардонида, чунин мансабро ба як кофир супорад? Пас даъвои маъсумият куҷо шуд? Даъвои Бегуноҳи куҷо шуд? Оё зимоми роҳбарии мусалмононро ба як кофир супурдан гуноҳ нест? Оё хиёнат нест?

**Бародарону хоҳарони азиз!**

Оё он ақле ки Худованд барои шумо додааст инро қабул дорад?

## Имом Маҳди

**Бародарону хоҳарони азиз!**

Дуъо мекунам, ки Худованд, ҳамаи моро ба он роҳе ки худи у ихтиёр кардааст, ҳидоят фармояд ва дар охират дар ҷаннати фирдавс, моро бо ҳамдигар якҷо гардонад.

Оё шумо имом Маҳдиро мешиносед? Агар бишиносед пас ба ин саволҳои ман ҷавоб диҳед.

1) Модари у кист? Шиъаҳо дар ки будани модари имом Маҳди ба ҳашт қавл ихтилоф кардаанд, мегуянд: номаш Наргис ё Савсан ё Сайқал ё Ҳакима ё

Ҳурра ё Амату Савдо ё Марям мебошад шумо бигуед, ки кадоми аз ин занҳо модари уст? оё метавонад касе инро таъкид кунад?
2) Имом Маҳди  кай ба дунё омадааст? Дар ин масала, низ шиъаҳо ихтилоф доранд, мегуянд: соли 250ҳ  ё 252 ё 255 ё 257 ё 258 ё 260ҳ  тавалуд шудааст, оё касе метавонад аниқтарашро бо моҳу рузаш  бигуяд?
3) Кай дар шиками модараш пайдо шуд? Ҳеҷ кас намедонад.
Кай ба дунё омад? Ҳеҷ кас намедонад.
Аз ҳама наздикону хешовандони у пайдоишашро инкор карданд, ва гуяндаи ин суханро дуруғгу эълон карданд.
Як руған фуруше ба номи Усмон Амри, гуфта будааст ки имом Маҳди вуҷуд дорад, бо ҳамин уро бовар карда эълон карданд ки имом Маҳди вуҷуд дорад.
Мероси падари имом Маҳди ба модару бародари падараш тақсим шуд, агар имом Маҳди вуҷуд медошт бояд ҳақи мирос мегирифт, локин ин хел нашуд.
Барои чи аз рузе ки шиъаҳо уро дуъо мекунанду аз у талаби хуруҷ мекунанд барои чи ба онҳо раҳм намекунад? Барои чи аз сирдобаш берун намеояд? Чуноне ки дар таърих собит шудааст давлатҳои шиъагии зиёде барпо шуда буд, мисли давлати Фотимиён ва давлати Бувайҳиён ва давлати Қаромита ва давлати Паҳлавия ва то имруз ҳукумати

оятуллоҳо низ вуҷуд дорад пас барои чи намебарояд?
Оё у зан гирифта буд? Оё занаш ҳамроҳаш аст? Оё умри занаш низ мисли умри у ҳамин қадар дароз аст? Ё ин ки ҳар як 50 сол баъд, зани нав мегирад? Оё фарзанд дорад? Оё фарзандонаш низ умрдарозанд? Оё дар бораи ҷазираи сабз шунидаед? Инчунин аз уламоятон бипурсед ки Бармудо бо имом Маҳди чи алоқа дорад? Шуморо ба Худо қасам медиҳам аз уламоятон ин саволҳоро бипурсед, бигузор ба шумо ҷавобҳои қонеъкунанда бидиҳанд.

## Замини Фадак

Доимо аз олимону хатибони шиъаҳо мешунавем, ва дар китобҳояшон мехонему мебинем, ки дар шахсияти ҳазрати Абубакр ***(Разия аллоҳу ъанҳу)*** таънаҳо зада уро дашномҳои қабеҳу носазо медиҳанд, ва сабабаш ҳам инаст, ки даъво мекунанд ки ҳангоме ки ҳазрати Абубакр ***(Разия аллоҳу ъанҳу)*** баъд аз Пайғамбар ***(саллаллоҳу ъалайҳи васалам)*** халифа шуд, мероси Пайғамбар ***(саллаллоҳу ъалайҳи васалам)*** ро ба ҳазрати Фотимаи Заҳро ***(Разия аллоҳу ъанҳо)*** надод.
Акнун аз шумо хоҳиш мекунам ки ба ман хуб диққат диҳед ва дар ин саволҳои ман хуб фикр кунед, то ки ҳақиқати ин масъаларо пайдо кунед.
Шумо бубинед, вақто ки Пайғамбар ***(саллаллоҳу ъалайҳи васалам)*** ба ҳазрати Абубакр ***(Разия аллоҳу***

***ъанҳу)*** гуфта бошад, ки ***(Мо пайғамбарон мерос намегузорем)***, ва ҳазрати Фотимаи Заҳро ***(Разия аллоҳу ъанҳу)*** аз ҳазрати Абубакр ***(Разия аллоҳу ъанҳу)*** талаби мерос кунад, шуморо ба Худо қасам медиҳам агар шумо дар ҷои Абубакр ***(Разия аллоҳу ъанҳу)*** бошед чи кор мекунед оё пайравии Пайғамбар ***(саллаллоҳу ъалайҳи васалам)*** ро мекунед? Ё ҳазрати Фотимаро ***(Разия аллоҳу ъанҳо)***? Бовар кунед, дар ин ҳолате ки ҳазрати Абубакр ***(Разия аллоҳу ъанҳу)*** ру ба ру шуда буд, дилам барои у месузад, чунки у миёни амри ду шахсияте қарор гирифтааст, ки якеи онҳо беҳтарини пайғамбарон ва беҳтарини халқи руи ҷаҳон аст, ва дигари онҳо, духтари беҳтарини пайғамбарон аст, ва ин чунин, беҳтарини занони руи замин аст.

Дар ин ҳолат ҳазрати Абубакр ***(Разия аллоҳу ъанҳу)*** он кореро кард, ки амри касеро аз амри Пайғамбар ***(саллаллоҳу ъалайҳи васалам)*** муқадам намедонист, ва дар ҳамин ҷо ҳам ҳамин коро кард. Амри Пайғамбар ***(саллаллоҳу ъалайҳи васалам)*** ро аз амри ҳазрати Фотима ***(Разия аллоҳу ъанҳо)*** муқадам дониста ба у гуфт, ки Пайғамбар ***(саллаллоҳу ъалайҳи васалам)*** мерос надорад.

Вале бо вуҷуди ин ҳам, Агар фарз кунем ки ҳазрати Абубакр ***(Разия аллоҳу ъанҳу)*** зулм карда ба ҳазрати Фотима ***(Разия аллоҳу ъанҳо)*** меросашро надод…оё шумо намедонед ки ҳазрати Фотима ***(Разия аллоҳу ъанҳо)*** дар замони хилофати ҳазрати Абубакр ***(Разия аллоҳу ъанҳу)*** аз дунё гузашта буд, пас бояд меросаш ба ворисонаш ҳазрати Али ***(Разия аллоҳу ъанҳу)*** ва

фарзандонаш бо чунин тариқа тақсим мешуд, ба ҳазрати Али рубъ (яъне чор як) ва боқимонда ба фарзандонаш Ҳасан ва Ҳусейн ва Умикулсум ва Зайнаб***(Разия аллоҳу ъанҳум),*** барои занҳо мисли нисфи ҳақи мардҳо дода мешавад.
Баъди вафоти Абубакр ***(Разия аллоҳу ъанҳу),*** замони хилофати ҳазрати Умар ***(Разия аллоҳу ъанҳу)*** шуд, ва у низ мероси ҳазрати Фотимаро надод, ва баъд аз хилофати ҳазрати Умар ***(Разия аллоҳу ъанҳу)*** хилофати ҳазрати Усмон ***(Разия аллоҳу ъанҳу)*** шуд, у низ меросро надод, оё медонед, бародарону хоҳарони азиз, ки баъди ҳазрати Усмон ***(Разия аллоҳу ъанҳу)*** ҳазрати Али ***(Разия аллоҳу ъанҳу)*** халифа шуд, ва у низ мероси ҳарати Фотимаро ба ворисонаш тақсим накард, пас оё ҳазрати Али ***(Разия аллоҳу ъанҳу)*** низ зулм кард? Ин чунин ин зулм давом ёфту ҳазрати Ҳасан баъд аз падараш ҳазрати Али ***(Разия аллоҳу ъанҳу)*** халифа шуд ва у низ меросро тақсим накард, оё у ҳам зулм кард?

**Бародарону хоҳарони азиз!** оё шумо инро қабул доред?
Ё ин ки мисли аҳли суннат эътиқод мекунеду мегуед, ки ҳазрати Фотима ***(Разия аллоҳу ъанҳу)*** мерос надошту касе касеро зулм накардааст, худатон ихтиёр кунед.
Он чизе ки дар бораи замини фадак собит шудааст инаст, ки замини фадак вақфе буд ки ҳар вақто ки Пайғамбар ***(саллаллоҳу ъалайҳи васалам)*** мехост аз у бо занҳояш ва аҳли байташ истифода мебурданд, ва ҳазрати Абубакр ***(Разия аллоҳу ъанҳу)*** ин заминро баъд

аз гузаштани Пайғамбар ***(саллаллоҳу ъалайҳи васалам)*** идора мекард, ва вақто ки ҳазрати Абубакр ***(Разия аллоҳу ъанҳу)*** аз дунё гузашт, идораи у ба души ҳазрати Умар ***(Разия аллоҳу ъанҳу)*** афтод, ҳазрати Умар ***(Разия аллоҳу ъанҳу)*** идораи ин заминро ба ҳазрати Али ***(Разия аллоҳу ъанҳу)*** супурд, ва идораи ин замин дар хилофати ҳазрати Умару Усмон ва хилофати ҳазрати Али ***(Разия аллоҳу ъанҳум)*** мудати тақрибан 20 сол дар дасти ҳазрати Али ***(Разия аллоҳу ъанҳу)*** буд, то ин ки аз дунё гузашт, сипас идораи уро ҳазрати имом Ҳасан ***(Разия аллоҳу ъанҳу)*** гирифт, ва ҳамин хел ба ҳазрати имом Ҳусейн ***(Разия аллоҳу ъанҳу)*** расид.

Пас агар ин хел бошад барои чи ҳазрати Абубакр ***(Разия аллоҳу ъанҳу)*** ро ин қадар душмани карда уро дашном медиҳед.

## Таърихи футуҳоти исломи

**Бародарону хоҳарони азиз!** Оё таърихи ҷангҳои мусулмонон бо кофиронро ва озод кардани давлатҳои онҳоро хондаед?

Оё шумо! Вақто ки дар бораи футуҳоти исломи ва озод кардани кишварҳои кофирон мешунавед, хурсанд мешавед ё ғамгин? Оё аз худ намепурсед ки императори Форсро ки барҳам дод? ва Ки давлатҳои Форсро мусулмон кард? Императори Руму Синду Ҳиндро ки шикаст дод? Ки онҳоро мусулмон кард? Мисру Африкаро ки озод кард?

Бубинед! оё шиъаҳо дар тули таърихашон ба хотири ислом коре кардаанд? Оё шаҳреро озод кардаанд? Оё як ваҷаб заминро аз кофирон озод кардаанд? Оё таърихи шиъаро хондаед? Мумкин бисёриҳо аз ин таърих хабаре надошта бошанд, локин ман инро барои шумо баён мекунам.
Қаромита, яке аз фирқаҳои шиъа ба Маккаи Мукаррама ҳуҷум карда хело ҳоҷиёни зиёдро кушта ҳаҷарул асвадро (яъне санги сиёҳро) дуздида бо худ бурданд, ва ин санг дар назди онҳо мудати бистудусол боқи монд.
Дигар коре ки карданд ин буд, ки вақте Муғулҳо бар зидди ҳукумати исломи ҳуҷум карданд, бо ёрдами шиъаҳо мусулмононро шикаст дода садҳо ҳазор мусалмонро куштанд.
Ин чунин вақто ки мусалмонон бо насрониҳо меҷангиданд, шиъаҳо нуқтаҳои стротегиро барои онҳо боз мекарданду онҳоро бар зидди мусалмонон кумак мекарданд ва мусалмонҳоро асир гирифта ба насрониҳо мефурухтанд.
Инчунин вақто ки хилофати Усмони, бо Сербҳо меҷангид шиъаҳо аз болои кофирон бо давлати Усмони ҷанг эълон карданд.
Ин буд баъзе ҷиҳодҳову хидматҳои шиъаҳо дар асрҳои гузашта.
Акнун биёед бубинем ки дар ин замон чи хизмат карда истодаанд.
Вақто ки Арманистон бо Озорбойҷон ҷанг мекард шиъаҳо ҳамроҳи Арманҳо истода буданд, ва ба

Арманҳо кумак ҳам мекарданд ва ин ба ҳама маълум аст, ки Озорбойҷониҳо мусулмонанду Арманҳо насрони.
Ин чунин вақто ки Амрико бо Афғонистон, ҷангро шуруъ кард дар ин ҷанг мавқифи шиъаҳо ҳамроҳи Амрико буд, ва Амрико бо кумаки шиъаҳо толибонро шикаст доданд.
Ин чунин дар Ироқ низ, чуноне ки мебинед агар кумаки шиъаҳо намешуд, Амрико дар Ироқ даромада наметавонист, ва шиъаҳо буданд ки дар болои тонкҳои Амрикои дохили Ироқ шуданд.
Ин буд баъзе аз ҷиҳоду нусратдиҳии шиъаҳо исломро.

## Ҳазрати Али ва Умар

***(Разия аллоҳу ъанҳу)***

Оё медонед яке аз фарзандони ҳазрати Али, Умар ном дошт, ва дигараш Усмон ном дошт?
Оё медонед, ҳазрати Али ***(Разия аллоҳу ъанҳу)*** духтараш Умикулсумро ба зани ба ҳазрати Умар ***(Разия аллоҳу ъанҳу)*** дода буд?
Оё мешиносед шахсеро ки фахр мекарду мегуфт: **Ман фарзанди ду халифа ҳастам?** У Зайд ибни Умар ибни Хаттоб буд, падараш ҳазрати Умар ***(Разия аллоҳу ъанҳу)*** буду, падаркалонаш аз тарафи модараш Умикулсум‹ ҳазрати Али ***(Разия аллоҳу ъанҳу)*** буд.
Оё медонед ки шавҳари Рамла, духтари ҳазрати Али ***(Разия аллоҳу ъанҳу)*** Муъовия ибни Марвон ибни Ҳакам буд?

Оё медонед ки зани ҳазрати Ҳасан ибни Али, духтари Талҳа ибни Убайдуллоҳ ***(Разия аллоҳу ъанҳу)*** буд?

Оё медонед ки шавҳари Сакина духтари имом Ҳусейн  Мусъаб ибни Зубайр ибни Авом ***(Разия аллоҳу ъанҳум)*** буд?

Оё медонед ки яке аз фарзандони имом Ҳасан ***(Разия аллоҳу ъанҳу)***  Умар ном дошт?

Оё медонед ки яке аз фарзандони Ҳусейн ***(Разия аллоҳу ъанҳу)*** низ Умар ном дошт?

Ва яке аз фарзандони Али ибни Ҳусейн низ Умар ном дошт.

Оё дар ин бора чизе шунидаед? Оё медонед ки духтари имом Ризо Оиша ном дошт?

Ва духтари  имом Ҷавод низ Оиша ном дошт?

Ва духтари имом Ҳоди низ Оиша ном дошт?

Оё шумо инро медонед?

Оё маъқул аст ки инсони оқил ҷигарбандони худашро номҳои душманонашро бигузорад? Барои чи шумо имрузҳо ин коро намекунед? Барои чи оятуллоҳоятон имомонро пайрави намекунанду духтаронашонро Оиша номгузори кунанд? ё ин ки бачаҳояшонро Абубакру Умару Усмон номгузори кунанд?

## Қиссаи шикаста шудани қабурғаи ҳазрати Фотима

***(Разия аллоҳу ъанҳо)***

**Бародарону хоҳарони азиз!**

Олимони шиъа дар китобҳояшон, қиссае доранд ки дар он чунин омадааст.

Гуё ҳазрати Умар ***(Разия аллоҳу ъанҳу)*** ба хонаи ҳазрати Али ***(Разия аллоҳу ъанҳу)*** омада, дари уро зада шикаста ва қабурғаи ҳазрати Фотима ***(Разия аллоҳу ъанҳу)***-ро шикаста, ва бачае ки ҳазрати Фотима ***(Разия аллоҳу ъанҳо)*** дар шикамаш доштаро афтонда бошад, ва гуё ҳазрати Али ***(Разия аллоҳу ъанҳу)*** ро маҷбурона дасту по баста чуноне ки дар ривояти шиъаҳо омадааст мисли уштур барои байъат кардан ба назди ҳазрати Абубакр ***(Разия аллоҳу ъанҳу)*** бурда бошад.

**Бародарону хоҳарони азиз!** Оё шумо инро қабул доред?

Аммо ман бошам ҳаргиз на.

Бо чанд сабаб, Аввал ин ки чигуна чунин ҳодиса руй бидиҳаду ҳазрати Али ***(Разия аллоҳу ъанҳу)***, он шери мардон, он шахсе ки ба хотири Худо аз касе тарсу ҳарос надошт коре накунад, балки ҳатто дар тули ҳаёташ дар ин бора камтарин сухане назанад, оё агар ба шумо чунин ҳодиса руй бидиҳад чикор хоҳед кард? Чихеле ки ҳазрати Али ***(Разия аллоҳу ъанҳу)***-ро туҳмат мекунанд мисли у сокит хоҳед монд? ё ки ақалан аз ин кор норозигии худро баён мекунед?

Чи зулми бузурге дар ҳақи ҳазрати Али ***(Разия аллоҳу ъанҳу)*** мекунанд.

Сабаби дувум, инки агар ҳазрати Умар ***(Разия аллоҳу ъанҳу)*** ин коро карда бошад, наход ки ҳазрати Али ***(Разия аллоҳу ъанҳу)*** он қадар бечуръату беномус бошад, ки ба болой ҳамаи он корҳое ки ҳазрати Умар ***(Разия аллоҳу ъанҳу)*** дар ҳақи у ва хонаводааш кард, боз духтараш Умикулсумро ба зании у бидиҳад.

Шумо ҳеҷвақт нагуед, ки ҳазрати Али ***(Разия аллоҳу ъанҳу)*** аз оҷизи духтарашро ба ҳазрати Умар дод, ин як таънаест дар шахсияти ҳазрати Али ***(Разия аллоҳу ъанҳу)***.

Барои чи он чизеро ки барои номуси худ ҷоиз намедонед, дар ҳазрати Али ***(Разия аллоҳу ъанҳу)*** ҷоизаш медонед? ё ин ки ин яке аз намудҳои меҳру муҳаббататон, ба ҳазрати Али ***(Разия аллоҳу ъанҳу)*** аст?

## Масалаи Хумс ва Закот

**Бародарону хоҳарони азиз!**

Оё шумо закот медиҳед? Оё ягонбор аз шумо закот талаб кардаанд? Оё нисоби закотро медонед? Хоҳиш мекунам каме фикр кунед, бубинед чандин оятҳои сареҳу ошкоро барои додани закот нозил шудааст бо вуҷуди ҳамаи ин амрҳои Худованд барои додани закот, ба у аҳамияте намедиҳанд, аммо "**хумс**" бошад ҳамаги дар Қурон ду бор зикр шудааст локин уро асл медонанд!

**Бародарону хоҳарони азиз!** Ман аз шумо ба ғайр аз аҳамият додан ва фаҳмидани оятҳои қурон чизи дигаре талаб надорам.

Оятҳои хумс якеаш дар сураи Анфол мебошад, ва ин оят дар бораи ҷанги Бадр сухан мегуяд, Худованд мефармояд:

قَالَ تَعَالَى: ﴿ وَٱعۡلَمُوٓاْ أَنَّمَا غَنِمۡتُم مِّن شَيۡءٖ فَأَنَّ لِلَّهِ خُمُسَهُۥ وَلِلرَّسُولِ وَلِذِي ٱلۡقُرۡبَىٰ وَٱلۡيَتَٰمَىٰ وَٱلۡمَسَٰكِينِ وَٱبۡنِ ٱلسَّبِيلِ إِن كُنتُمۡ ءَامَنتُم بِٱللَّهِ وَمَآ أَنزَلۡنَا عَلَىٰ عَبۡدِنَا يَوۡمَ ٱلۡفُرۡقَانِ يَوۡمَ ٱلۡتَقَى ٱلۡجَمۡعَانِۗ وَٱللَّهُ عَلَىٰ كُلِّ شَيۡءٖ قَدِيرٌ ٤١ ﴾ الأنفال: ٤١

***«Ва агар ба Худо ва он чӣ бар бандаи худ дар рӯзи фурқон, ки ду гурӯҳ ба ҳам расиданд, нозил кардаем, имон овардаед, бидонед, ки ҳар гоҳ чизе ба ғанимат гирифтед, хумси (панҷяки) он аз они Худову паёмбар ва хешовандону ятимон ва мискинону дар роҳ мондагон аст. Ва Худо ба ҳар чизе тавоност!».***

Ва ояти дигараш дар сураи Ҳашр омадааст, Худованд мефармояд:

قَالَ تَعَالَى: ﴿ مَّآ أَفَآءَ ٱللَّهُ عَلَىٰ رَسُولِهِۦ مِنۡ أَهۡلِ ٱلۡقُرَىٰ فَلِلَّهِ وَلِلرَّسُولِ وَلِذِي ٱلۡقُرۡبَىٰ وَٱلۡيَتَٰمَىٰ وَٱلۡمَسَٰكِينِ وَٱبۡنِ ٱلسَّبِيلِ كَيۡ لَا يَكُونَ دُولَةَۢ بَيۡنَ ٱلۡأَغۡنِيَآءِ مِنكُمۡۚ وَمَآ ءَاتَىٰكُمُ ٱلرَّسُولُ فَخُذُوهُ وَمَا نَهَىٰكُمۡ عَنۡهُ فَٱنتَهُواْۚ وَٱتَّقُواْ ٱللَّهَۖ إِنَّ ٱللَّهَ شَدِيدُ ٱلۡعِقَابِ ٧ ﴾ الحشر: ٧

***«Он ғанимате, ки Худо аз мардуми деҳаҳо насиби паёмбараш кардааст, аз они Худост ва паёмбар ва хешовандону ятимон ва мискинону мусофирони дар роҳ монда, то миёни тавонгаронатон даст ба даст нашавад. Ҳар чӣ паёмбар ба шумо дод, биситонед ва аз ҳар чӣ шуморо манъ кард, парҳез кунед. Ва аз Худо битарсед, ки Худо сахтуқубат аст!».***

Бубинед ин ду оят дар бораи чигуна тақсим кардани ғаниматҳои ҷиҳод нозил шудаанд, молҳои ғанимат ин гуна тақсим мешаванд: ҳамаи ин молҳоро ҷамъ карда ба панҷ қисм тақсим мекунанд сипас аз ҳамин панҷ қисм чаҳор қисмашро яъне 80% садашро ба онҳое ки дар ҷанг иштирок карданд, яъне ба муҷоҳидон дода мешавад, ва он панҷум қисме ки боқи монда буд, яъне 20%сад боз ба панҷ қисм тақсим карда мешавад, як қисмаш аз Пайғамбар ***(саллаллоҳу ъалайҳи васалам)*** аст, ва баъд аз вафоташ аз валии амри мусалмонон мешавад, уро дар масолиҳи мусалмонон сарф мекунад, ва инчунин аз ин панҷ қисм, қисми дигараш ба хешовандони Пайғамбар, ***(саллаллоҳу ъалайҳи васалам)*** дода мешавад, яъне ба аҳли байташ ва ин ба ҷои закот ки барои онҳо ҳаром шуда буд, мебошад ва дигар қисмаш барои мискинон, (яъне камбағалон) ва дигар қисмаш барои он ғарибоне ки аз ватан дуранд ва қисми дигараш ки охирон мебошад ҳақи ятимон мебошад.

Дар китоби (Васоили шиъа ҷузи 9 саҳифаӣ 485) омадааст, ки аз Абуабдуллоҳ Ҷаъфари Содиқ ***(Разия аллоҳу ъанҳу)*** ривоят аст, ки гуфт: **Хумс фақат, аз ғаниматҳо гирифта мешавад.**

Аммо имруз бошад бубинед чи кор карда истодаанд! 80% моли шумо фақат барои як инсон меравад. Онҳам ба муллоҳои салласиёҳ.

Субҳоналлоҳ.. ! шуморо ба куҷо бурда истодаанд.

На ҳаргиз! Савганд ба Худо ин дини Муҳаммад ***(саллаллоҳу ъалайҳи васалам)*** нест, балки ин ботилона хурдани моли мардум аст.
Худованд мегуяд:

قَالَ تَعَالَى: ﴿ يَٰٓأَيُّهَا ٱلَّذِينَ ءَامَنُواْ لَا تَأۡكُلُوٓاْ أَمۡوَٰلَكُم بَيۡنَكُم بِٱلۡبَٰطِلِ إِلَّآ أَن تَكُونَ تِجَٰرَةً عَن تَرَاضٖ مِّنكُمۡۚ ﴿٢٩﴾ ﴾ النساء: ٢٩

***«Эй касоне, ки имон овардаед, моли якдигарро ба ноҳак, махӯред, ғайри молҳои тиҷоратӣ, ки ҳар ду тараф ба он ризоят дода бошед. Ва худатонро макушед. Албатта Худо бо шумо меҳрубон аст!».***

**Бародарону хоҳарони азиз!** "**Хумс**" фақат дар вақти ҷиҳод аст, аз моле ки аз кофирон ғанимат мегиранд, аз он гирифта мешавад, таваҷуҳ кунед аз моли кофирон, на аз молҳои мусулмонон, аммо ончиро ки имруз дида истодаем, ин муллоҳои салласиёҳ "**Хумс**" ро аз моли мусулмонон гирифта истодаанд, аз мусулмононе ки дар хонаҳояшон нишастаанд аз онҳо гирифта истодаанд.
Инчунин ман суоли дигаре дорам, бигуед аз ин "**Хумс**".
Куҷо шуд ҳақи ятим? Куҷо шуд ҳақи ғарибон? **Бародарону хоҳарони азиз!** Барои чи, чигунае ки закотро медиҳед, "**хумсатонро**" худатон ба ғарибону ятимон намедиҳед?

## Домоди

**Бародарону хоҳарони азиз!**

Инсони оқиле ки мехоҳад, духтарашро ба шавҳар бидиҳад доимо кушиш мекунад, ки домоди хубе пайдо кунад, ва кушиш мекунад, ки духтарашро ба касе бидиҳад, ки аз тамоми сифатҳои хуб бархурдор бошад, ва кушиш мекунад ки домодаш мусалмон бошад, намозхону рузагиру дигару дигар аҳкомҳои динро баҷо биёварад, ва чиқадар кушиш мекунад, ки духтараш дар дасти бенамозу берузаву зинокору арақнушу роҳзану мунофиқ наяфтад.

Ба фикри шумо, оё ҳазрати Али ***(Разия аллоҳу ъанҳу)*** вақто ки духтараш Уми Кулсумро ***(Разия аллоҳу ъанҳо)*** ба зани, ба ҳазрати Умар ***(Разия аллоҳу ъанҳу)*** дод, оё дар ин кораш ягон кутоҳие кард?

Оё шумо касеро ки ҳазрати Али ***(Разия аллоҳу ъанҳу)*** ки ба гуфти шумо маъсум аст, ба домоди қабул кардааст кофир мегуед? Пас оё ин таъна дар шахсияти ҳазрати Али ***(Разия аллоҳу ъанҳу)*** нест? Оё ҳазрати Али ***(Разия аллоҳу ъанҳу)*** дигар одам пайдо накард ки духтарашро ба кофир дод? Ё ин ки чуноне ки дар китоби Кофи омадааст ҳамин ақидаро доред, дар китоби Кофи ривояте омадааст, ки мегуяд: Гуё ҳазрати Умар ***(Разия аллоҳу ъанҳу)*** дар бораи занаш Умикулсум ***(Разия аллоҳу ъанҳо)*** духтари ҳазрати Али ***(Разия аллоҳу ъанҳу)*** гуфта бошад, ки  ин шармгоҳест ки мо уро ғасб кардем.

Субҳоналлоҳ..наход шармгоҳи духтари Расулуллоҳ ғасб карда шавад, чи ифтирои бузургест дар ҳақи ҳазрати Умар.

Ман бисёре аз шиъаҳоро пурсидам, ки оё рози ҳастед, ки шармгоҳони духтарони шумо мисли духтари ҳазрати Али ***(Разия аллоҳу ъанҳу)*** ғасб карда шаванд? Дар ҷавоб мегуфтанд, не албатта.

Ин хел бошад, оё то ҳозир мегуед ҳазрати Умар ***(Разия аллоҳу ъанҳу)*** кофир аст? Бо вуҷуди ин ки ҳазрати Али ***(Разия аллоҳу ъанҳу)*** духтарашро ба у додааст? Оё барои мусулмон ҷоиз аст ки ба кофир духтар бидиҳад?

Ҳамчунин Пайғамбар ***(саллаллоҳу ъалайҳи васалам)*** ба ҳазрати Усмон ***(Разия аллоҳу ъанҳу)*** ду духтари худро пай ҳамдигар дода буд, ба фикри шумо оё Пайғамбар ***(саллаллоҳу ъалайҳи васалам)*** ду духтарашро ба кофир дода буд?

Ё ки онҳоро низ ҳазрати Усмон ***(Разия аллоҳу ъанҳу)*** ғасб карда буд?

Пас барои чи шумо имрузҳо ин корро намекунед? барои чи духтаронатонро ба кофирон намедиҳед? Барои чи аз Пайғамбар ***(саллаллоҳу ъалайҳи васалам)*** ва ҳазрати Али ***(Разия аллоҳу ъанҳу)*** пайрави намекунед?

## Шаҳид шудани имом Ҳусейн (р.з)

Ҳазрати имом Ҳусейн ***(Разия аллоҳу ъанҳу)*** аз дасти ду хабиси лаънати  шаҳид шуда буд, якеаш Шамр ибни Зулҷушан ва дигараш Санон ибни Анаси Нахаъи буд, ва шахсе ки ба куштани у амр карда буд хабиси сеюум, Убайдуллоҳ ибни Зиёд буд.

**Бародарону хоҳарони азиз!** дар инҷо як чизи таъаҷубовараш он аст ки  Убайдуллоҳ ибни Зиёд, ва

Шамр, ва Анас, падари Санон, дар ҷанги Сиффин, дар лашкари ҳазрати Али ***(Разия аллоҳу ъанҳу)*** буданд ва аз тарафдорони ҳазрати Али ***(Разия аллоҳу ъанҳу)*** буданд, пас маълум мешавад ки шиъа буданд.

Ҳусейни Каврони дар китобаш (Риҳоби Карбало саҳифаи 61) мегуяд: **Аҳли Куфа ба тафриқа андохтанашон миёни мардум бар зидди имом Ҳусейн кифоят накарда мавқифи сеюмеро ихтиёр карданд, ки чунин буд, ҳар касе аз онҳо кушиш мекард ки ба Карбало ба майдони ҷанг рафта бар зидди имом Ҳусейн аз худ кореро нишон бидиҳанд ки шайтон аз онҳо рози шавазу Худованд хашмгин.**

**Мисли Амр ибни Ҳаҷҷоҷе ки дируз сарлашкаре буд ки мехост Ҳони ибни Урваро наҷот бидиҳад, аммо имруз мавқифашро дигар карда имом Ҳусейнро ба хуруҷ бар зидди валии амр муттаҳам мекунад.**

**Ин чунин дигар далиле низ ҳаст ки далолат ба нифоқи аҳли Куфа мекунад мисли Абдуллоҳ ибни Ҳавзаи Тамими дар назди имом Ҳусейн истода бо овози баланд, мутакабирона, мегуфт, ки оё Ҳусейн назди шумост? Ана ҳамин шахс дируз аз шиъаҳои Али буд.**

Инчунин Козими Иҳсои Наҷафи дар китобаш (Ошуро саҳифаи 89) мегуяд: **Лашкаре ки барои ҷангидан бар зиди имом Ҳусейн баромада буд сесад ҳазор буд, ва ҳамаашон аз аҳли Куфа буданд, касе аз онҳо на Шоми буд ва на Мисриву**

**на Судони, ва на Африқоиву, на Ҳиҷози буд ва на Ҳинди буд балки ҳамаашон аз аҳли Куфа буданд. Ва ин ба ҳама маълумаст ки аҳли Куфа шиъа буданд.**

Муҳсини Амин дар (Аъёну Шиъа ҷузъи якум саҳифаи 26) мегуяд: **Аз аҳли Ироқ бист ҳазор кас ба имом Ҳусейн байъат карданд, ва ҳамин байъат кардагиён байъаташон дар уҳдаашон, имом Ҳусейнро хиёнат карда уро куштанд,** (яъне онҳое ки имомро байъат карданд ҳамонҳо уро куштанд).

Муртазои Мутаҳари дар китобаш (Малҳаматул Ҳусейния ҷузъи 3 саҳифаӣ 129) мегуяд: **Ягон шаку шубҳае нест ки аҳли Куфа шиъа буданд ва онҳое ки имом Ҳусейнро куштанд шиъаҳо буданд.**

Акнун биёед бубинем аҳли байт дар ҳақи шиъаҳо чи мегуянд:

Уми Кулсум духтари ҳазрати Али ***(Разия аллоҳу ъанҳу)*** мегуяд: **Эй аҳли Куфа марг бар шумо чи шуд ки имом Ҳусейнро хиёнат карда уро куштед.**

Ин ривоят дар китоби (Нафасул маҳмум аз Абоси Қумми саҳифаи 263) омадааст.

Зайнаб духтари ҳазрати Али ***(Разия аллоҳу ъанҳу)*** вақто шунид, ки занони аҳли Куфа барои имом Ҳусейн ***(Разия аллоҳу ъанҳу)*** гиря карда истодаанд ба онҳо гуфт: **Сокит бошед! мардонатон моро куштанду шумо занонашон бар мо гиря мекунед?**

Ин ривоят дар китоби (Нафасул маҳмум аз Абоси Қумми саҳифаӣ 265).

Ва дар китоби (Мунтаҳал омол саҳифаӣ 568), омадааст вақто, ки Али ***(Разия аллоҳу ъанҳу)*** фарзанди

Ҳусейн мардуми Куфаро дид, ки барои онҳо гиря мекунанд гуфт: **Шумо барои ки гиряву доду фиғон мекунед? Оё барои мо гиря мекунед? Пас ки моро куштааст?**

Инчунин дар ҳамин китоб дар саҳифаи 485 омадааст ки, имом Ҳусейн ***(Разия аллоҳу ъанҳу)*** чанде пеш аз шаҳид шуданаш ба онҳое ки уро даъват карда буданд нидо мекарду мегуфт: **Эй Шабс ибни Рабиъи, Эй Ҳиҷор ибни Абҷар, Эй Қайс ибни Ашъас, Эй Язид ибни Ҳорис, оё шумо ба ман нома равон накарда будед ки биё ба назди мо, мо ҳамаги таёр ҳастем ки ҳамроҳи ту бар зиди душманат биҷангем?**

Баъди ҳамаи ин эътирофҳо як мисоле ба ёдам омад, ки мегуянд кушанда дар ҷанозаи кушта шуда меравад, ва ба дигар маъно мешавад гуфт ки кушанда талаби қисоси куштагияшро мекунад.

## Ҳазрати Ойша

***(Разия аллоҳу ъанҳо)***

**Бародарону хоҳарони азиз!** Оё ин сухани Худоро чандин борҳо нахондаед?

قَالَ تَعَالَى:﴿ ٱلنَّبِيُّ أَوۡلَىٰ بِٱلۡمُؤۡمِنِينَ مِنۡ أَنفُسِهِمۡۖ وَأَزۡوَٰجُهُۥٓ أُمَّهَٰتُهُمۡۗ ﴿٦﴾ ﴾ الأحزاب: ٦

*«Паёмбар ба мӯъминон аз худашон сазовортар аст ва занонаш модарони мӯъминон ҳастанд»*

Бале занҳои Пайғамбар ***(саллаллоҳу ъалайҳи васалам)*** модарони муъминонанд агар хоҳед, нахоҳед занҳои Пайғамбар ***(саллаллоҳу ъалайҳи васалам)*** модарони шумоянд, бале Ойша ***(Разия аллоҳу ъанҳо)*** модари

шумост, модари манаст, оё шумо рози ҳастед ки у модари шумо бошад?

Аз Худо битарсед нагуед на. Худованд мефармояд:

قَالَ تَعَالَى: ﴿ ٱلْخَبِيثَٰتُ لِلْخَبِيثِينَ وَٱلْخَبِيثُونَ لِلْخَبِيثَٰتِ ۖ وَٱلطَّيِّبَٰتُ لِلطَّيِّبِينَ وَٱلطَّيِّبُونَ لِلطَّيِّبَٰتِ ۚ ﴿٢٦﴾ ﴾ النور: ٢٦

***«Занони нопок барои мардони нопок, ва мардони нопок барои занони нопок, ва занони пок барои мардони пок, ва мардони пок барои занони пок. Онҳо аз он чӣ дар бораашон мегӯянд, поканд. Бахшоишу ризқи некӯ барои онҳост!».***

Аз Худо битарсед нагуед ки модари шумо нопокаст, аз Худо битарсед модаратонро дашном надиҳед.

Пайғамбар ***(саллаллоҳу ъалайҳи васалам)*** уро аз ҳама занҳояш зиёдтар дуст медошт, вақто ки аз Пайғамбар ***(саллаллоҳу ъалайҳи васалам)*** пурсиданд ки аз ҳама зиёд киро дуст медори? Гуфт: Оишаро, гуфтанд аз мардҳо чи? Гуфт: падарашро (яъне Абубакрро).

Ҳазрати Ойша ***(Разия аллоҳу ъанҳо)*** ягона зане буд ки Пайғамбар ***(саллаллоҳу ъалайҳи васалам)*** охирин нафасашро дар оғуши у кашида буд, зане буд ки Пайғамбар ***(саллаллоҳу ъалайҳи васалам)*** дар оғуши у ҷон ба ҳақ тақсим карда буд, барои чи касеро ки Пайғамбар ***(саллаллоҳу ъалайҳи васалам)*** дуст бидорад мо уро дуст надорем? Албатта мо ҷонҳои худро фидои пайғамбару дустдоронаш мекунем, агар чи ин кори мо ба мунофиқон ҳам хуш наояд .

## Никоҳи мутъа

Худованд ҳамаи моро ҳидоят кунад
Шаке нест ки дар бораи никоҳи мутъа нашунида бошед.
Ҳамон никоҳи мутъае ки уламои шиъа дар китобҳояшон мегуянд, ки у яке аз ибодатҳоест ки бандаро ба Худо наздик месозад, чигуна наздик месозад?! марҳамат таваҷуҳ кунед то ки бароятон аз бузургтарин уламои шиъа бо ривоятҳояшон аз имомон нақл кунам.
Солиҳ ибни Уқба аз падараш ривоят мекунад ки гуфт: (яъне падараш) аз имом Боқир пурсидам, (яъне аз яке аз имомони маъсум дар назди шиъаҳо): **Оё шахсе ки никоҳи мутъа мекунад савоб мегирад? Дар ҷавоб гуфт: агар мақсадаш ба хотири Худо бошаду мухолифати ба фалони (яъне ҳазрати Умар) ба ҳар як калимае ки бо он зан мегуяд барои у савоб навишта мекунанд ва ҳар вақто ки бо он зан наздик шавад як гуноҳи у бахшида мешавад ва агар аз ҷанобат сару танашро бишуяд ба адади ҳар як қатра обе, ки дар дар зери муйҳои баданаш мегузарад Худованд гуноҳони уро мағфират мекунад.**
**Аз у дубора пурсид, оё ба адади муйҳояш савоб мегирад? Гуфт: бале ба адади муйҳояш савоб мегирад.**
Ин ривоят дар китоби (Биҳорул Анвор ҷузъи 100 саҳифаӣ 306) мебошад.
Ва дар дигар ривоят омадааст ки аз Мусо ибни Али ибни Муҳамади Ҳамадони аз марде вай аз

Абуабдуллоҳ *(алайҳи салом)* ривоят мекунад, ки гуфт: **Ҳар як марде ки мутъа мекунаду аз ҷанобаташ сару тан шуи мекунад, Худованд аз ҳар як қатра обе ки дар баданаш мебошад ҳафтод малоикае халқ мекунад ки то рузи қиёмат барои у аз Худованд талаби мағфирати гуноҳон мекунанд, ва лаънат мекунанд, касеро ки аз никоҳи мутъа руй мегардонад.**

Ин ривоят низ дар Биҳорул Анвор ҷузъи 100 саҳифаӣ 306 омадааст.

Дар дигар ривоят омадааст ки аз Ҳорис ибни Муғира ривоят шудааст ки гуфт: **Аз Абуабдуллоҳ пурсидам: Оё дар Мутъа ҷоӣз аст, ки як марду, ду зан бошад? Дар ҷавоб гуфт бале ҷоӣз аст..**

Ин ривоят дар китоби (Биҳорул Анвор ҷузъи 100 саҳифаӣ 308) омадааст.

Ин чунин дар китоби (Ман ло яҳзурул фақиҳ ҷузъи 3 саҳифаӣ 366) ва тафсири (Манҳаҷу содиқин ҷузъи 2 саҳифаӣ 495) омадааст ки: **Имон ба мутъа асле аз усули дин аст ва ҳар касе ки мутъаро инкор кунад гуё ки динро инкор кардааст.**

Ин чунин дар китоби (Истибсор аз Туси ҷузъи 3 саҳифаӣ 143) ва дар китоби (Таҳзибул аҳком ҷузъи 7 саҳифаӣ 259) омадааст ки, **Барои мард ҷоиз аст ки бо чанд зане ки мехоҳад мутъа кунад агар чи ҳазор зан бошад ё аз ҳазор ҳам зиёд.**

Акнун ман чанд  саволе дорам ки мехоҳам ба шумо пешкаш кунам.

Агар мутъа ин қадар аҷру савоби зиёд дошта бошад, оё Пайғамбар *(саллаллоҳу ъалайҳи васалам)* мутъа карда буд?

Оё имомон мутъа карда буданд?

Оё аз мутъа фарзанд доранд? Номҳои фарзандонашон чист? Оё онҳо дар ба ҷо овардани корҳои хайр аз ҳама пешқадам набуданд? Оё мутъа фақат барои мардҳои ботақвову Худотарс аст, ё ин ки занҳои бо тақвову Худотарс низ метавонанд бо мутъа кардан худашонро ба Худованд наздик созанд?

Бубинед чи мешавад ҳоли муҷтамаъе ки дар он мутъа интишор ёбад?

**Бародарону хоҳарони азиз!**

Шумо эҳтиёт кунед шуморо фиреб медиҳанду мегуянд, ки мутъа илоҷест барои занҳои талоқшуда, на ҳаргиз ин хел нест балки барои духтарони шавҳар нокарда низ мутъаро ҷоиз медонанд.

Дар китоби (Шароиъул аҳком аз Наҷмиддини Ҳилли ҷузъи 2 саҳифаи 186 ва дар китоби Таҳзибул аҳком ҷузъи 7 саҳифаи 254) омадааст ки, **Мутъа бо духтари бокира (мард нодида) ҷоиз аст агарчи соҳибонаш ҳам иҷозат надиҳанд, ва шоҳид ҳам даркор нест.**

Инчунин дар китоби (Истибсор аз Туси ҷузъи 3 саҳифаи 145 ва китоби Кофи дар фуруъаш ҷузъи 5 саҳифаи 463) омадааст ки **Мутъа кардан бо духтаре ки ба балоғат нарасидааст ҷоиз аст бо шарте ки аз даҳсола хурд набошад.**

Ба фикрам инсофи ин олим аз инсофи Хумайни каме болотар будааст, чунки Хумайни дар китобаш

(Таҳрирул васила ҷилди 2 саҳифӣ 216) мегуяд: **Шаҳватрони бо кудаки ширхора ба ғайри ҷимоъ ҷоиз аст.** Бубинед чи мегуяд бо кудаки ширхора, ва Дигар чизи ғарибу аҷибаш инаст, ки ин олимон чуноне ки дар китоби (Истибсор ҷузъи 3 саҳифаӣ 243 ва китоби Таҳзибул аҳком ҷузъи 7 саҳифаӣ 514) омадааст, аз тариқи никоҳи мутъа расидани занро аз пушт иҷозат додаанд.

Хулоса гуфтани ҳастам, ки бародарони азиз! Шумо пеш аз ин ки мутъаро бо духтарони мусалмонон ҷоиз бидонед ва ба онҳо мутъа кунед, бигуед ки:

Оё рози ҳастед ки бо хоҳарони шумо ин корро бикунанд?

Оё рози ҳастед ки бо модарони шумо ин корро бикунанд?

Оё рози ҳастед ки бо духтарони шумо ин корро бикунанд?

Оё шумо рози ҳастед ки хоҳар ё духтари шумо, ҳар як моҳ баъду ду моҳ баъд ба хонаи шумо як мардро оварда гуяд ки марҳамат шинос шавед, ин шавҳари ман аз никоҳи мутъа аст?

Хоҳиш мекунам бо худатон содиқ бошед, хуб фикр кунед, зану шавҳарие ки дар у на мерос бошад на дар вақти никоҳ шоҳид даркор бошад ва на розигии вали даркор бошад, ва на барои ҷудо шудан талоқ даркор бошад ва дигар чизҳо.

Яъне зану шавҳарие ки муддаташ як бор бо ҳам расидан бошад ва баъд аз он ҷудоги.

Шуморо ба Худо қасам медиҳам бубинед оё байни мутъаву фоҳишахонаҳои дар Амрикову Европа буда фарқе пайдо мекунед?
Ман фақат як фарқро мебинам, ки фоҳиша хонаҳоро дар он давлатҳо қонун пуштибони мекунаду мутъаро шариъати шиъаҳо, дигар фарқе вуҷуд надорад, барои фоҳиша розигияш шарт аст, албата бо миқдоре аз пул, никоҳи мутъа низ ҳамин хел аст.
Дар маҷаллаи (Широъи шиъи адади 684 соли чаҳорум саҳифаи чаҳорум) Ҳошими Рафсанҷони ишора кардааст ки ба сабаби интишори никоҳи мутъа дар Ирон адади тифлони партобшуда ба 250 ҳазор тифл расидааст.
**Бародарону хоҳарони азиз !**
Мутъа дар ислом ҳамаги мудати се руз иҷозат буд, ва он ҳам бо занони кофира, сипас то рузи қиёмат ҳаром гардид, аммо уламои шиъа мутъаро бо духтарони мусалмон ҷоиз гардонидаанд,.

## Тақя

Хулосаи маънои тақя (яъне изҳор кардани хилофи он чи ки дар дил аст).
Аз Абу Умари Аҷами ривоят аст ки гуфт: Абуабдуллоҳ ***(Алайҳи салом)*** ба ман гуфт: **Эй Абу Умар аз даҳ, нуҳ ҳисаи дин дар тақя аст, ва ҳар касе ки тақя намекунад дин надорад, тақяро дар тамоми чиз истифода бурда мешавад магар дар набизу масҳи бар ҷуроб.**

Ин сухан дар бузургтарин ва муътабартарин китоби шиъаҳо (Кофи ҷузъи 2 саҳифаи 217) зикр шудааст.

**Бубинед, бародарону хоҳарони азизи ман!** Инҳо динро ба даҳ қисм тақсим кардаанд, ва нуҳ қисми динро дар тақя мебинанд.

Инчунин аз Муаммар ибни Халлод ривоят шудааст, ки гуфт: аз Абулҳасан дар бораи пеши ҳокимон хестан пурсидам? У гуфт: Абу Ҷаъфар мегуяд: ки **тақя дини манаст ва дини падарони манаст ҳар касе ки тақя надорад имон надорад.** (яъне агар тақя куниву дар зоҳир эҳтиромона аз ҷоят барои ҳоким бархези ишколе надорад) Ин ривоят, низ дар китоби (Кофи ҷузъи 2 саҳифаи 219) омадааст.

Инчунин дар дигар ривоят аз Муҳамад ибни Муслим омадааст, ки гуфт: назди АбуАбдуллоҳ ***(Алайҳи салом)*** даромадам, ки дар наздаш Абуҳанифа (яъне имоми Аъзам) нишаста буд, сипас ба Абу Абдуллоҳ ***(Алайҳи салом)*** гуфтам: **фидоятон шавам ман хобе дидам бисёр аҷиб буд, имом ба ман гуфт: хобатро нақл кун олими таъбири хоб назди мо нишастааст гуфта ба суи Абуҳанифа ишора кард, сипас гуфтам ман хоб дидам ки ба хонаам медароям ва занам ба пеши ман миқдоре аз ҷавзи зиёдро шикаста ба болоям меандохт. Ман аз ин хобам бисёр дар ҳайрат афтодам.**

**Сипас Абуҳанифа гуфт: ту марде ҳасти ки ба хотири мероси занат бисёр ҷанҷолу ғавғои зиёде мекуни ва баъд аз мушкилии зиёде хостагияатро иншоолоҳ аз худ мекуни.**

**Дар ҳамин ҳол Абуабдуллоҳ** ***(Алайҳи салом)*** **ба Абуҳанифа гуфт: ба Худо қасам ки пайдояш карди, сипас Абуҳанифа хориҷ шуду ман дар назди имом мондам ва ба имом гуфтам ҷонам фидоятон эй имом ман намехостам ки таъбири хоби манро ин носиби** (яъне душмани аҳли байт) **бигуяд, имом ба ман гуфт: Эй ибни Муслим ташвиш нашав таъбире ки ин (яъне Абуҳанифа) мекунад ҳеҷ гоҳ бо таъбири мо баробар шуда наметавонад, таъбири кардаи Абуҳанифа хато аст таъбири хоби ту ин хел нест, сипас ман ҳайрон шудаму ба имом гуфтам: ҷонам фидоятон агар Абуҳанифа хато карда буд, пас шумо қасам ёд карда ба Абуҳанифа гуфтед ки пайдояш карди? Имом гуфт :бале ман қасам ёд кардам ки ғалатро пайдо карди.** Ин ривоят дар бузургтарин ва муътабартарин китоби шиъаҳо (Кофи саҳифаи 65) зикр шудааст.

Бубинед! гуё дар зоҳир имом Абуҳанифаро мувофиқат кардаасту дар ботин не.

**Бародарону хоҳарони азиз!** Оё ин дин аст? Оё дин эҳтиёҷ ба дуруғ гуфтан дорад? Оё Пайғамбар ***(саллаллоҳу ъалайҳи васалам)*** динро бо дуруғ нашр карда буд?

Инҳо бо ин ривоятҳояшон мехоҳанд имомонро дар назари мардум чунон нишон бидиҳаннд ки гуё ҳар сухане ки имом мегуяд ҳам эҳтимоли ростро дорад ва ҳам эҳтимоли дуруғро хулоса мехоҳанд, ки аз ҳамин роҳ қадру манзилати имомонро бахок яксон

кунанд, ва мехоҳанд коре кунанд, ки дигар мардум ба онҳо бовар накунанд.

**Бародарону хоҳарони азиз!** шумо ин ҳадисро чигуна мефаҳмед? Аз ҳазрати Али ***(Разия аллоҳу ъанҳу)*** ривоят шудааст ки гуфт: Хари Пайғамбар ***(саллаллоҳу ъалайҳи васалам)*** ки номаш Уфайр буд, ба Пайғамбар ***(саллаллоҳу ъалайҳи васалам)*** гуфт: **Падару модарам фидоят, эй расули Худо** (яъне хар падару модарашро фидои Пайғамбар ***(саллаллоҳу ъалайҳи васалам)*** кард) хар мегуяд: **падарам аз падару бобояш ривоят мекунанд, ки падараш дар киштии ҳазрати Нуҳ буд, ва ҳазрати Нуҳ *(Алайҳи салом)* ба пушти он хар бо дасташ молиш карда гуфт: аз пушти ҳамин хар харе ба дунё меояд ки беҳтарини пайғамбарон, пайғамбари охири замон бар болояш савор хоҳад шуд, сипас ин харбача мегуяд ман Худоро шукр мегуям, ки манро ҳамон харе гардонд ки шумо бар болоям савор мешавед.**

Ин ҳадис дар китоби (Кофи ҷузъи 1 саҳифаи  237) зикр шудааст.

**Бародарону хоҳарони азиз!** Шумо чи мегуед: дар ин ҳадисе ки дар саҳеҳтарин китоби шиъаҳо омадааст.

Оё қадру манзилати Пайғамбар ***(саллаллоҳу ъалайҳи васалам)*** дар назди уламои шиъа ҳамин қадар аст? Хар падару модарашро фидои Пайғамбар ***(саллаллоҳу ъалайҳи васалам)*** мекунад? Оё ба фикри шумо ин гуна

суханҳо аз руи муҳаббат нисбат ба Пайғамбар *(саллаллоҳу ъалайҳи васалам)* аст?

## Манзилати Карбало ва Каъба

**Бародарону хоҳарони азиз!** оё касе ҳаст ки хонаи Худо яъне Каъбаро эҳтиром накунад? Оё касе ҳаст ки иштиёқи ба суи Каъба рафтанро надошта бошад? Акнун қадру манзилат ва эҳтироми Каъбаро дар назди уламои шиъа бинед: Аз Абуабдуллоҳ ривоят аст, ки гуфт: **Замини Каъба даъво карда аст ки мисли ман дар руи замин ҷое вуҷуд надорад? чунки дар пушти ман хонаи Худо сохта шудааст, ва аз тамоми руи замин мардум манро зиёрат меоянд, ва Худованд манро ҳарами худ қарор додааст.**

**Дар ҳамин ҳол Худованд ба суи замини Каъба нидо карда гуфт: Бас кун, ором бош, он фазле ки ман ба ту додам дар баробари фазлу бузургии Карбало мисли як сузане ки дар баҳр меафтад ана ҳамин қадар аст агар хоки Карбало намешуд туро эй Каъба халқ намекардам ва хонае ки дар пуштат дори ва бо у фахр мекуни уро низ халқ намекардам, ором бош, сокит бош, залилу ҳақир бош, такаббури накун ба замини Карбало, вагарна бар ту ғазаб карда туро дар оташи ҷаҳаннам меафканам.**

Ин ривоят дар китоби (Биҳорул анвор ҷузъи 98 саҳифаи 106) омадааст.

**Бародарону хоҳарони азиз!** оё шумо инро нисбат ба Каъба ва заминаш қабул доред?
Агар Карбало ин қадар қадру манзилати баланд доштa бошад, барои чи Худованд барои хонааш Карбалоро интихоб накард?

## Ғулув

Аз Сафвони Ҷамол ривоят шудааст ки гуфт: **Абу Абдуллоҳ** ***(Алайҳи салом)*** **ба ман гуфт: Оё қабри Ҳусейнро зиёрат мекуни? Ман гуфтам оё шумо ҳам ба зиёраташ меравед? Дар ҷавоб гуфт: чигуна ба зиёраташ наравам, ки Худованд ҳар шаби ҷумъа бо ҳамроҳии малоикаҳову пайғамбарону васиятшудагон уро зиёрат меоянд ва Муҳаммад беҳтарини пайғамбарон аст ва мо беҳтарини васиятшудагон ҳастем.**
Ин ривоят дар китоби (Бҳорул анвор ҷузъи 98 саҳифаи 60) мадааст.
Субҳоналлоҳ!!! бубинед Худованд Ҳар рузи ҷумъа ба зиёрати имом Ҳусейн меомадааст.
**Аз Шаҳид ривоят мекунанд, ки дар яке аз дарсҳояш дар боби зиёрати қубур гуфта будаст, ки барои зиёрати қабр чанд одобест, ва баъд аз зикр кардани баъзе аз ин одобҳо гуфт: одоби шашуми зиёрати қубур ду рукаъат намоз хондан аст, агар қабри Пайғамбар** ***(саллаллоҳу ъалайҳи васалам)*** **ро зиёрат кунед, ин ду ракаъатро дар равза бихонед, ва агар яке аз имомҳоро зиёрат кунед ин ду ракаъатро дар назди сари имом бихонед, инчунин ҷои аст ки,** (таваҷуҳ кунед чи

мегуяд) **ҷоиз аст ки намозашро ба суи абр бихонад агар чи қибла аз пушташ биёяд зараре надорад ва агар чи дар пешаш чизе набошад.** (яъне байни у ва қабр ситра ҳам набошад зараре надорад)

Ин ривоят дар китоби Биҳорул анвор ҷузъи 97 саҳифаи 134 омадааст.

Бубинед чи мегуяд: **ба суи қбр намоз бихонад, агар чи қибла дар пушташ биёяд.**

**Бародарону хоҳарони азиз!** оё шумо ин корро анҷом медиҳед? Оё пушт ба суи қибла намоз мехонед?

Аз Худованд умед дорам ки ин корро намекунед.

**Бародарону хоҳарони азиз!** дар поёни ин суханҳоям ба шумо гуфтани ҳастам ки хуб фикр кунед, хуб аҳамият диҳед, Қуронро бихонед бубинед Худованд чи мегуяд, ҳамон ақле ки Худованд барои шумо додааст аз у истифода баред, суханҳои Худовандро тарозу қарор диҳед, ҳар сухане ки мешунавед дар ин тарозу бар кашед, агар ба сухани Худованд мувофиқ наомад бизанедаш бар девор.

Худованд ҳамаи бандагонашро бо фитрати солим халқ кардааст, Худованд мефармояд:

قَالَ تَعَالَى: ﴿فِطْرَتَ ٱللَّهِ ٱلَّتِي فَطَرَ ٱلنَّاسَ ﴿٣٠﴾﴾ الروم: ٣٠

***«Ба яктопарасти рӯй ба дин овар. Фитратест, ки Худо ҳамаро ба он фитрат биёфаридааст ва дар офариниши Худо тағйире нест».***

Ин хел бошад баргардед ба он фитрати солиме ки Худованд шуморо дар он халқ кардааст, аз

ақлҳоятон истифода намоед, аз китоби Худованд истифода намоед, ба Худованд такя намоед, ба у ихлос кунед, ба у тавакал кунед, Худованд мефармояд:

قَالَ تَعَالَى:﴿ وَٱلَّذِينَ جَٰهَدُواْ فِينَا لَنَهۡدِيَنَّهُمۡ سُبُلَنَاۚ وَإِنَّ ٱللَّهَ لَمَعَ ٱلۡمُحۡسِنِينَ ٦٩ ﴾ العنكبـــوت: ٦٩

***«Касонеро, ки дар роҳи Мо ҷиҳод кунанд, ба роҳҳои худ ҳидояташон мекунем ва Худо бо некӯкорон аст».***

Ман ба он Худое, ки якка ва ягона аст савганд ёд мекунам, ки агар мақсади мо розигии Худованд бошад, ва агар мо бо Худованд содиқ бошему ниятҳоямон холис барои у бошад, моро ҳеҷ вақт Худованд тарк намекунад.

## Хотима

Ин буд чанд калимае, ки мехостам ба дилҳои шумо расонам, ва аз Худованд хоҳиши инро дорам, ки манро муваффақ гардонда бошад.

Ва охиру даъвоно анилҳамду лиллоҳи рабил оламин, ва саллаллоҳу ва саллам ва борик ало набиино Муҳаммад ва ъало олиҳи ва саҳбиҳи аҷмаъин.